Лоиҳа аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мегардад.

HILFSWERK AUSTRIA INTERNATIONAL

Лоиҳа аз ҷониби Hilfswerk Austria International амалӣ мешавад.

---

Мавод дар доираи лоиҳаи *"Дастгирии корхонаҳои хурд ва миёна (КХМ) оид ба коркарди маҳсулоти меваю сабзавот дар Тоҷикистон"* таҳия гардидааст.

**Барномаи Иттиҳоди Аврупо “Осиёи Марказӣ - Инвест”**

# ЗАРДОЛУ

**Ильмаз Алптекин**



*Маводи мазкур бо дастгирии молиявии Комиссияи Аврупоӣ дар доираи барномаи «Осиёи Марказӣ - Инвест» таҳия гардида ва нусхаҳои он зиёд карда шудааст. Фикру мулоҳизоте, ки дар маводи нашршудаи мазкур ифода гардидааст, на ҳамеша афкори Комиссияи Аврупоиро таҷассум карданаш мумкин аст.*

Thank y trying PDF Suite

1.Таърихи мухтасари парвариши дарахтони зардолу ... 4
2 . НАВЪЊОИ МЕВАИ ЗАРДОЛУ ... 6
2.1. Навъњои хушкмеваи зардолу ... 6
2.2. Навъњои истеъмолї ... 8
3. Нињолчањои зардолу ва шинонидани дарахтони он. ... 9
Парвариши нињолчањои зардолу ... 9
Шинонидани нињолчањои зардолу ... 9
5. Методњои шинонидани дарахти зардолу. ... 10
4. Парвариш ва нигоњубини дарахти зардолу. ... 12
4.1. Шароити иќлимї ... 12
4.2. Хок ... 13
4.3. Обёрии дарахтон. ... 13
4.4. Нурињои маъданї. ... 14
5. БУРИДАНИ ШОХАЊОИ ДАРАХТОН ... 17
7. Микроорганизмњое, ки барои дарахтони зардолу зараровар мебошанд ... 22
8. Растанињое, ки барои дарахтони зардолу зараррасон мебошанд. ... 27
9. Раванди коркарди хушкмеваи зардолу ... 28
10. ЉАМЪОВАРИИ ЊОСИЛИ ЗАРДОЛУ. ... 29
10.1. Муќаррар кардани ваќти њосилгундорї. ... 29
10.2. Усулњои ќобили ќабули њосилгундорї. ... 29
11. Дуддињї ба воситаи олтингўгирд. ... 30
11.1. Маќсади дуддињї ба воситаи олтингўгирд ... 30
11.2. Омодагї ба дуддињї бо олтингўгирд. ... 30
11.3. Љойгиркунии меваљот дар њуљрањои дуддињї. ... 30
11.4. Махсусиятњои њуљраи олтингўгирдзанї. ... 31
11.5. Навъњои рафњои љойгиркунии хушкмева ... 31
11.6. Бухории олтингўгирд ... 31
11.7. Мушкилоте, ки њангоми бо олтингўгирд дуддодан ба вуљуд меоянд. ... 32
11.8. Тањлилу баррасии дуддињї бо олтингўгирд. ... 32
12. Хушк намудани зардолу. ... 33
14. Коркарди хушкмеваи зардолу дар корхонањо. ... 35
14.1. Интихоби корхона. ... 35
15. Ба наќшагирии дохилифабрикавї. ... 39
16. Фурўши мањсулоти зардолу. ... 40
16.1. Мамлакатњои содиркунанда ва воридкунандаи мањсулот. ... 40
16.2. Пешнињоди мањсулот ба бозор. ... 41
16.3. Тањлилу баррасии хароҷот дар саноат. ... 42
17. Мушкилот ва проблемањои умумие, ки дар парвариши меваи зардолу пеш меояд (Мураккабињо ва мушкилотњои парвариш ва истењсолоти меваи зардолу). ... 43
17.1. Мушкилоти истењсолот ва њосили мањсулот. ... 43
17.2. Мушкилоти фурўши мањсулот. ... 45
18. Тафсири умумии мухтасар барои содиркунандагони меваи зардолу. ... 45

Thank you for trying PDF Suite

Дустони гиромӣ.

Пеш аз ҳама мехоҳам хурсандии худро чиҳати он иброз дорам, ки бо як пешниҳод ва ё нигорае дар ин китоб ба Шумо кӯмак карда метавонам.




Далели бузургтарин дар таҳияи китоби мазкур мардуми Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон гардиданд, ки ба ман дар ин ҷойҳо кор кардан муяссар шуда ба онҳо арзи сипос менамоям. Бинобар он, ки аз меҳмоннавозии онҳо дар ҳайрат мондам, ман азм кардам, ки ба ҳайси ташаккур маҳсули меҳнати сесолаамро ба онҳо пешниҳод созам. Албатта, дар китоби мазкур камбудӣ ҳам мавҷуд хоҳад буд.

Пешкӣ дар ин бобат изҳори пӯзиш менамоям. Агар аз ҷониби Шумо ягон пешниҳод ва ё таҳрир ба миён ояд, мо бо қаноатмандӣ онҳоро ба назар мегирем.

Зимнан арзи сипоси худро дар таҳияи китоби мазкур махсусан ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мардуми Тоҷикистон, ташкилотҳои Hilfswerk Austria ва ASTI, инчунин ширкати ALPTEKIN ва ҳамаи онҳое, ки дар тартиб додани китоб иштирок карданд, ифода намоям.

ЙилмазАлптекин
yilalptekin@hotmail.com,
alptekin@alptekingrup.com

Thank you for trying PDF Suite

## 1.Таърихи мухтасари парвариши дарахтони зардолу

Пас аз таҳлилу омӯзиши тӯлонӣ муҳаққиқон ва олимон муқаррар намуданд, ки ватани аслии парвариши дарахти зардолу сарзамини минотиқи Осиёи Миёна то ҳудуди Чини шарқӣ ба шумор мерафтааст. Ҳанӯз панҷ ҳазор сол муқаддам то солшумории мо дар сарзамини мазкур дарахти зардолу парвариш карда мешудааст ва мардумон аз ҳосили он истифода менамудаанд. Дар асри IV пеш аз милод пас аз он ки аз ҷониби Искандари Мақдунӣ сарзамини ин манотиқ тасарруф гардид, намунаҳои ниҳолчаҳои дарахтони зардолу ба кашвари Туркия интиқол дода шуд. Аз сабаби он ки хок ва шароити табиии сарзамини Туркия барои парвариш ва нигоҳубини дарахти зардолу хеле қулай ва мувофиқ буд, дар ин маҳал дарахти зардолу хуб нашъунамо ёфт. Аз ин рӯ, аксари муҳаққиқон ин минтақаро ватани дуюми зардолупарварӣ ҳисоб менамояд. Дар давраи муҳориба ва задухӯрдҳои байни румиён ва форсҳо дар қарни аввали то мелодӣ дарахти зардолуро савдогарони арманӣ дар ибтидо ба кишвари Италия ва баъдан ба Юнон интиқол додаанд. Минбаъд аз ин кишварҳо намунаи ниҳолҳои зардолу ба ҳудуди дигар кишварҳои олам аз ҷумла, ба мамлакатҳои Испания ва Англия дар асрҳои 13 ва ба кишварҳои Франсия ва қитъаи Амрико дар қарни 17 паҳну парешон гардидааст.

Бо вуҷуди он ки маҳсулоти зардолу дар дар тамоми дунё маъруфу машҳур ба шумор меравад, вале яке аз минтақаҳои асосии парваришу густариши он кишварҳои гирду атрофи Баҳри Миёназамин ҳисоб меёбанд. Дар ин радиф кишвари Туркия низ яке аз минтақаҳои аввалини парвариши меваи зардолу дар рӯи замин шуморида мешавад ва баъдан чунин минтақаҳоро аз қабили Покистон, Сурия, Ҷумҳурии мардумии Чин, Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ, Югославия, Руминия ва Австралияро маҳали павррариши меваи зардолу номбар кардан мумкин аст.

Дар кишвари Туркия шаҳри Малатя аз ҷиҳати парвариши маҳсулоти зардолу мақоми аввалро ба даст дорад. Дар ин минтақа қисмати бештари маҳсулоти зардолу хушк карда мешавад ва барои содирот ба бозори байналмилалӣ интиқол дода мешавад, ки ин тақрибан 70-80% ҳаҷми умумии маҳсулоти содиротиро дар миқёси ҷаҳон ташкил медиҳад.

Аз сабаби хеле фоидаовар будани маҳсулоти мазкур дар рӯйи олам ҳамасола парвариш ва истеҳсоли он зиёд гардида истодааст. Дар робита ба ин раванд дар солҳои охир парвариши меваи зардолу бештару афзоиш ёфта истодааст ва мутахассисон ба чунин ҷанбаҳои он аз қабили интихоби навъҳои он, парвариши ниҳолчаҳои он, ҳолату вазъияти боғҳо, обдиҳӣ, нуриҳои маъданӣ, мубориза бар зидди ҳашароти зараровар ва бемориҳои он, бӯридани шохаҳои он, ҷамъоварии ҳосили он, дудандозии олтингӯгирд, нигоҳдории маҳсулоти зардолу ва коркарди он бояд таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамоянд. Пас аз риоят намудани ҳамагуна зинаҳои парвариш, ҷамъоварӣ ва коркарди маҳсулоти зардолу ба таври маълум баландшавии сифати маҳсулот ва зиёдшавии миқдори онро ба мушоҳида гирифтан мумкин аст.

### Арзиши ғизонокии маҳсулоти зардолу ва таъсири он ба саломатии инсон

Дар таркиби маҳсулоти зардолу моддаҳои органикӣ ва ғайриорганикие дохил мешаванд, ки онҳо ба саломатии инсон таъсири мусбат расонида метавонанд. Дар таркиби маҳсулоти зардолу ба миқдор зиёд глюкоза, крахмал, сафедаҳо, моддаҳои органикӣ, витаминиҳои А, гурӯҳи В, С, Е, Р, РР, туршии фолий ва калий ва ба миқдори на он қадар зиёд P, Na, Mg, Fe, Cu, Al ва ғайра мавҷуд аст. Меваи зардолу аз витаминҳо бештар дорои витамини А ва аз минералҳо калий аз ҳама бештар дорад. Витамини А барои фаъолияти мӯътадили системаи муҳофизатии бадани инсон хеле зарур ба шумор меравад ва ҳамчунин ҷузъи ҷудонашавандаи мубориза ба муқобили инфексияҳо мебошад. Мавриди истифода қарор додани витамини А фаъолияти

муҳофизатии пардаҳои луобиро зиёд менамояд ва фаъолияти фаготсиарии муассири лейкотситҳоро ва дигар омилҳои ғайримаъмулии иммунитетро афзоиш медиҳад. Витамини А барои нигоҳдорӣ намудан ва барқарорсозии маводи эпителиалӣ, ки аз онҳо пӯсти инсон ва пӯшишҳои луобии он иборатанд, хеле зарур мебошад. Сатҳи баланди калий ва сатҳи пасти натрий яке аз омилҳои махсусу асосии меваи зардолу ба ҳисоб меравад, ки ҳангоми табобати парҳезкорӣ бо истифода аз натрий ба таври хеле маъмул ва фаровон истифода мешавад. Аз сабаби он ки сатҳи баланди натрий ба варамкунӣ оварда мерасонад, пас сатҳи пасти калий маншаи нарасоии гликоген дар бадан ба шумор меравад. Меваи зардолу дар мавриди бемориҳои зерин аз қабили норасоии дилу рагҳои хунгард, сиррози ҷигар, норасоии шадиди узвҳои гурда ва ҳ.к. муфид мебошад.

**Арзиши ғизоии зардолу дар 100 г (ҷадвали 1.)**

| Таркиб | Зардолуи пухтарасида | Хушкмеваи зардолу | Таркиб | Зардолуи пухтарасида | Хушкмеваи зардолу |
|---|---|---|---|---|---|
| **Об (%)** | 86,3 | до 31,1 | **Витамини $B_2$ (мг)** | 0,04 | 0,16 |
| **Энергия (ккал)** | 48,0 | 48,0 | **Витамини С** | 10 | 12 |
| **Сафеда (%)** | 1,4 | 3,65 | **Кальций (мг)** | 17 | 67 |
| **Липидҳо (%)** | 0,39 | 0,36 | **Оҳан (мг)** | 0,54 | 4,7 |
| **Шаҳмҳо (г)** | 0,2 | 0,5 | **Натрий (мг)** | 1,0 | 26 |
| **Карбонҳо (г)** | 11,12 | 61,75 | **Калий (мг)** | 296 | 1378 |
| **Витамини А (МЕ)** | 2,612 | 7,420 | **Фосфор (мг)** | 23 | 108 |
| **Витамини $B_1$ (мг)** | 0,3 | 0,1 | | | |

**Маҳсулотҳое, ки аз меваи зардолу тайёр карда шудаанд:**

- ✓ Зардолуи яхкардашуда (қиёми шакар);
- ✓ Зардолуи консервашуда, шарбатҳо;
- ✓ Нӯшобаи зардолуӣ, шарбати зардолии ғализшуда;
- ✓ Желеи зардолуӣ, ҷем, мармелад;
- ✓ Зардолуи сабзи маринадшуда;
- ✓ Хушкмеваи зардолу ва хокаи зардолу;
- ✓ Зардолуи навъи резашуда;
- ✓ Қиёми зардолу;
- ✓ торти зардолугӣ, яхмос, соусҳо;
- ✓ солҳои охир пӯстлохи зардолу ҳамчун навъе аз сӯзишвории алтернативии каммасраф низ истифода мегардад;
- ✓ равғанҳои эфирии зардолу дар соҳаи косметология ва фармакология низ истифода мегардад.

Меваи зардолу ва маҳсулоте, ки аз зардолу истеҳсол мешавад.



(Расми 1).

Thank you for trying PDF Suite

# 2 . НАВЪҲОИ МЕВАИ ЗАРДОЛУ

## 2.1. Навъҳои хушкмеваи зардолу

**Навъи зардолуи хушкмевагии №1 (Хаджихалилоглу):** Яке аз навъҳои асосии меваи зардолу барои хушккунӣ ба шумор меравад. Дарахтони навъҳои хаджихалилоглу баланд, рост, шохадор, мустаҳкам ва зуд калоншаванда мебошанд. Дар ҷойҳои дорои хоки хуб ва хуб обёришаванда дарахтони навъи хаджихалилоглу ҳар сол ҳосил медиҳанд. Ҳосилнокии ин навъ миёна буда, ба хунукиву сармои зимистон, хушксолӣ ва ба бемориҳо аз қабили мониолиз ва доғзаниҳои хӯрандаи шадид тобовар ба ҳисоб меравад. Дар маҳалҳое, ки парвариш ва нигоҳобини онҳо хуб ба роҳ монда нашудааст, ҳосилнокии давравии ин навъи дарахтон ба мушоҳида мерасад. Меваи навъи хаджхалилоглу миёнаандоза, вазнаш 25-30 г, тухмшакл, симметришакл, пӯсту гӯшти меваи он зардранг мебошад. Донаки меваи он озод ҷудо мешавад. Пӯсти ин навъи зардолу нозук мебошад, аммо барои интиқол додан хеле хуб ва қулай мебошад. Бинобар маззаву бӯйи хуби он, ин навъи зардолу дар бозори дохилӣ ва ҷаҳонӣ хеле гаронарзиш ҳисоб меёбад.

**Навъи хушкмеваи зардолуи *Хаджихалилоглу* (расми 2).**




**Навъи зардолуи хушкмеваи №2 (Кабаашы):** Навъи дуюм барои хушккунӣ баъди навъи хаджихалилоглу ба шумор меравад. Баландии дарахти кабаашы миёна буда, ростқомат мебошад. Ҳосили ин навъи зардолу миёна мебошад. Меваи зардолуи ин навъ миёна, вазнаш 30-35 г, тухмшакл, ранги пӯсту гӯшташ зардранги равшан мебошад. Гӯшти он зич ва маззаи хеле хуб дорад. Меваи ин навъи зардолу дар миёнаи фасли тобистон мепазад. Ба бемории мониолиз он қадар устувор ба шумор намеравад, аммо нисбат ба навъи хаджихалилоглу дар бобати бемории доғзаниҳои хӯрдашаванда устувор мебошад.

*Навъи хушки Кабаашы (расми 3).*




**Навъи зардолуи хушкмеваи №3 (Соганджи): Хусусияти ин навъ чунин аст, ки** дарахтони он хеле калон буда, ростқомат мебошад, ҳосилнокиаш низ миёна аст. Вазни меваҳояш 28-38 г, мудавваршакл, ранги пӯсту гӯшти он зард мешавад. Маззаи меваaш ширин, зичиаш миёна, сероб, латиф, донакаш начандон калон, вале хуб ҷудо мешавад. Меваҳои калонаш шакли бозоргир дорад, дар бозори зардолу хуб ба савдо меравад. Меваи ин навъ дар миёнаи моҳи дуюми фасли тобистон мепазад.

*Навъи зардолуи хушкмеваи Соганджи (расми 4).*




**Навъи зардолуи хушкмеваи №4 (Чаталоглу):** Дарахти ин навъи зардолу сершоху барг, шохаҳояшон ба поён хамида мебошанд. Ҳосилнокии меваи ин дарахтон хуб аст. Меваашон миёнаандоза мебошад, андозаи меваи он 25-35 г, тухмшакл, пӯсту гӯшташ зардранг мебошад. Тарафи офтобии мева гулгун мешавад. Мағзи донаки он тамоман озод чудо мешавад ва андозаашон миёна, мудавваршакл, рӯяшон ҳамвор мебошад. Мағзи донаки ин навъи зардолу ширин мебошад. Меваи ин навъи зардолу дар миёнаи моҳи дуюми фасли тобистон пухта мерасад.

*Навъи зардолуи хушкмеваи Чаталоглу (расми 5).*




Thank you for ... PDF Suite

## 2.2. Навъҳои истеъмолӣ.

**1. Навъи истеъмолии №1 (Хасанбей): яке** аз анвоҳои асосии зардолу барои ороиши миз мебошад. Дарахти ин навъи зардолу пурқувват буда, шакли мудаввари кашидаи маҷмӯи баргҳояшонро ташаккул медиҳанд, шохаҳояшон низ ба поён хамида мебошанд. Ҳосилнокии ин навъи зардолу миёна ба ҳисоб меравад. Шакли меваи зардолу ба монанди дил буда, ҳаҷман калон, вазнашон 40-55 г, дилаашон нарм, маззаашон ширин мешавад. Пӯсти меваи ин навъи зардолу ва қисмати гӯшти дилаашон зардранг мебошад. Донакашон озод буда, андозаи меваашон миёна буда, шакли мудаввари пахшшуда дошта, мағзашон ширин мешавад. Бинобар меваи калондона ва хосияти хуби интиқолшавӣ доштанаш дар бозори меваи зардолу гаронарзиш ба ҳисоб мераванд.

**2. Навъи истеъмолии №2 (Априкоз):** Решаҳои таърихии ин навъ то ба ҳол номаълум ҳисоб меёбад. Дарахти ин навъи зардолу сершоху барг буда, шакли мудаввари кашидаи маҷмӯи баргҳоро дорад. Шакли меваи зардолу эллипсӣ мебошад. Меваашон андозаи калон дорад, ки вазни миёнаи онҳо то ба 50-60 г мерасад. Пӯсти мева ва гӯшти дилаашон зардранг, симметрӣ, ширинмазза мегардад. Донакашон озод, миёнаандоза, шакли пахшшударо доранд.

**3. Навъи истеъмолии №3 (Шекерпаре):** Дарахти ин навъи зардолу сершоху барг, шаклашон дарозрӯя мебошад. Андозаи меваашон хурд буда, вазни ҳар донаи меваашон то ба 25-30 г мерасад, андозаашон тухмшакл, пӯст ва гӯшти дилааш зардранг мебошад. Маззааш ширин, дилаашон зич, сатҳашон каме хамида, якрӯ, як барашон гулгун мебошад. Донаки ин навъи зардолу озод, андозаашон миёна, мағзашон ширин мебошад.

**4. Навъи истеъмолии №4 (Алянак):** дарахти ин навъи зардолу сершоху барги кашидашакл мебошад. Вазни донаи меваашон то ба андозаи 30-45 г, тухмшакли пахшшуда, норинҷиранги як бараш гулгун мебошад. Худи меваи зардолу обдор, нозук, каме мухашшар, бо маззаи ширини нордони форам мебошад. Мағзашон талх, вале донакаш озод ҷудо мешавад.

**5. Навъи истеъмолии № 5 (Токалоглу):** Дарахти ин навъи зардолу мустаҳкам ва рост мебошад. Меваи ин навъи дарахти зардолу тухмшакл буда, вазни ҳар донаи он то андозаи 40-55 г мерасад, пӯст ва гӯшти дилаашон зардранг ва ширин мешаванд. Мағзи меваашон ширин, донакаш озод ҷудо мегарданд.

**6. Навъи истеъмолии № 6 (........):** Дарахти ин навъи зардолу сершоху барг буда, шаклашон мудаввари кашидашуда ва маҷмӯи баргҳояшонро ташаккул медиҳад. Меваи ин навъи зардолу тухмшакл буда, вазни ҳар як донаи меваашон то ба андозаи 35-50 г мерасад, пӯст ва қисми дилаашон сергӯшти зардранг мешавад. Меваашон бомазза, мағзи донакашон талх, вале донакашон бо осонӣ ҷудо мешавад.

**7. Навъи истеъмолии №7 (........):** Дарахти ин навъи зардолу миёнақудрат, сершоху барг, мудаввари кашидашакл мешавад. Меваҳояшон ба шакли дил буда, шакли ғайрисимметрӣ доранд ва бо вазни онҳо то андозаи 32-40 г мебошад. Пӯсту дилаи меваи онҳо зардранг буда, маззаашон асосан ширин мешавад. Мағзи донаи ин навъи зардолу ширин буда, ҳангоми ҷудокунӣ ба осонӣ сурат мегирад.

**8. Навъи истеъмолии №8 (Ири битирген):** Ин навъи меваи зардолу ҳам истеъмолӣ ва ҳам хушкмевагӣ мешавад. Дарахтони ин навъ миёнаандоза буда, шохубаргашон хеле кам мебошад. Меваи онҳо мудавваршакл буда, вазнашон то андозаи 33-40 г мерасад,

маззашон асосан туршу ширин мешавад. Ранги меваашон норинҷӣ ва ғайрисимметрӣ мебошад. Мағзи донакашон ширин ва бо осонӣ ҷудо мешавад.

**9. Навъи истеъмолии №9 (Караджабей):** Дарахти миёнақудрати сершохубарги мудавваршакл, каме паҳншаванда мебошад. Меваaш ба шалки дил, симметрӣ, рангаш норинҷӣ, маззааш ширини нордон. Мағзи донакаш талх, ба осонӣ ҷудо мешавад.

**10. Навъи истеъмолии №8 (Precoce de Tyrinthe):** Навъи барвақтии юнонии зардолу мебошад. Дарахташ сершохубарг, серҳосил, шакли мудаввари шухобарг дорад. Меваaш калон, дарозак ва хуб интиқлшаванда аст. Ранги пӯсти меваaш норинҷии паст, як бараш гулгун. Қисми гӯштии дилааш норинҷии паст, сифати шарбати ин навъ миёна. Мағзи донакаш талх, донак бо мушкилӣ ҷудо мешавад.

Навъхои истеъмолии меваи зардолу *(расми 6-7)*.



*Дарахтони серҳосили зардолу (расми 8).*



## 3. Ниҳолчаҳои зардолу ва шинонидани дарахтони он.

### Парвариши ниҳолчаҳои зардолу

Тарзи маъмултарини истеҳсол ва парвариши ниҳолчаи дарахти зардолу ин усули пайвандкунӣ мебошад. Зеро ин тарз роҳи соддатарину камхарҷ ва сарфакорона ба шумор меравад.

### Шинонидани ниҳолчаҳои зардолу

Минтақае, ки дар он боғи зардолу шинонида мешавад, тирамоҳ бояд бояд бо трактор шудгор карда шуда барои соли оянда тайёр карда шавад. Шинонидани ниҳол аз замони баргрезии дарахтон то аввали баҳор, то шукуфтани муғҷаҳояшон имконпазир аст. Агар шароити иқлимӣ (давраи гарми зимистон) имкон диҳад, беҳтар аст, ки дар давраи фасли зимистон истифода карда шавад. Шинонидани ниҳол дар зимистон бинобар камтар озор ёфтани решаҳои он натиҷаҳои хуб ва дилхоҳ медиҳад. Аммо агар мавсими зимистон ҳамеша сард бошад, шинонидани дарахт бояд дар фасли тирамоҳ сурат гирад.

Чуқуриро барои ниҳолшинонӣ пешакӣ тайёр кардан лозим мебошад. Тарзи олии шакли чуқурии ниҳолшинонии баҳорӣ бояд дар тирамоҳ ва тирамоҳӣ- 2-3 ҳафта пеш аз ниҳолшинонӣ кофта шавад. Андозаи қобили қабул барои дарахтон – 0,6 м дар қутр,

Thank you for using E Suite

чуқуриаш то 0,6 м ҳисоб меёбад. Дар чуқурӣ набояд санг, чизҳои бегона ва растаниҳои зараррасон мавҷуд бошанд (расми 1). Ҳангоми кофтани чуқурӣ аввал қисми ҳосилхези заминро ба чуқурии теғаи бел гирифта, онро ба лаби чуқурӣ мегузоранд. Қабати беҳосилро гирифта алоҳида мегузоранд. Ба чуқурӣ миқдори муайяни хоки қабати болоӣ гузошта шуда ба он поруии хуб расонидашуда ва қум ҳамроҳ мекунанд.

Пеш аз ниҳолшинонӣ решаҳои захмиро то бофтаи солими он мебурранд (расми 2). Буридани танаи асосӣ ва шохахои паҳлӯӣ ба андозаи 1/3 қисми дарозӣ мумкин аст. Ҳамеша бояд ба он диққат дода шавад, ки гарданаи решаи растанӣ (қисми гузариши тана ба реша) дар фосилаи 3-5 см болотар аз лаби чуқурӣ ҷойгир шуда бошад. Ин яке аз муҳимтарин шарти шинонидани ниҳол, алалхусус талаботи шинонидани ниҳолҳои мевагӣ мебошад. Аз ҷойгиршавии дурусти гарданаи реша дар хок амали ояндаи дарахт вобастагӣ дорад. Ҳангоми нодуруст шинонидани ниҳолҳои мевадеҳиҳанда рушду инкишофи он қафо монда шоху баргаш суст инкишоф меёбанд, растанӣ аз касалиҳои гуногун азият мекашад. Дар оянда ин гуна дарахтон камгул ва каммева мешаванд. Дар назди ниҳол поя зада мешавад, ки ба он ниҳолро мебанданд. Барои бастани он метавон аз тахтачаҳои махсус истифода намуд (расми 3). Барои шинонидани ҳар як ниҳол чунин маводи мавриди зарурат истифода мешавад: 10 кг поруи расида, 300 г сульфати аммоний, 200 г сульфати калий ва 200 г суперфосфат.

**Интихоби ниҳол.** Ниҳоли интихоб кардаи шумо бояд ба навъи зардолу мувофиқат намояд. Ҳамаи ниҳолҳо бояд дар синну соли яксола бояд бошанд. Ҳангоми интихоби ниҳолҳо бояд сифати ниҳол баррасӣ шавад, ба истисноии растаниҳои дорои захмҳои механикӣ реша, тана, шохубарги камқувват, бо каҷиҳо, бо пайванди бесифат ҷойгиршуда, нишонаҳои саратони гарданаи реша ва ё решаҳои асосӣ ва ғайра. Албатта тафтиш кунед, ки оё решаҳо хушк нашудаанд. Агар онҳо хушк, бешира буда бад қат шаванд, аз ин гуна растанӣ даст кашидан беҳтар аст.

Чуқуриҳои ниҳолшинонӣ (расми 1). Тарзи буриши ниҳол (расми 2). Тахтаҳои махсус барои бастани ниҳол (расми 3).







## 5. Методҳои шинонидани дарахти зардолу.

### 5.1. Методҳои чоркунҷаи ниҳолшинонӣ.

Дар вақти шиниoнидани дарахтони чоркунҷашакл дарозиву бари байни ниҳолҳо бояд баробар бошанд. Дар боғ бо ин усули ниҳолшинонӣ содда мегардад. Ин усул барои дарахтони калони сершоху барг истифода мегардад. Дар давраи аввал байни ниҳолҳо дарахтони дигар шинонидан мумкин аст, аз қабили шафтолу (расми 4).

### 5.2. Усули росткунҷаи ниҳолшинонӣ.

Thank you for trying PDFsuite

Хусусияти ин усул дар он аст, ки андозаи дарозӣ аз бар зиёдтар мебошад. Ҳамин тавр, миқдори ниҳолҳои бо ин усул дар 1 га шинонидашуда нисбат ба усули чоркунҷа камтар аст (расми 5).



Усули чоркунҷаи ниҳолшинонӣ (расми 4).



Усули росткунҷаи ниҳолшинонӣ (расми 5).

**5.3. Усули секунҷаи ниҳолшинонӣ.**

Дар ин усул ниҳолҳо дар кунҷҳои тарафҳои росткунҷаи секунҷа шинонида мешаванд. Афзалияти ин усул дар он аст, ки нурҳои офтоб, об ва минералҳо баробар тақсим мешаванд. Камбудии ин усул дар он аст, ки коркарди замин мушкил мешавад (расми 6).

**5.4. Усули шатранҷии ниҳолшинонӣ.**

Ин усулро ба таври дигар боз панҷгона низ меноманд. Баъд аз шинонидани дарахтон бо маҷмӯи шоху баргашон бо таври росткунҷа, дар мобайн барои шинонидани дигар дарахтони кӯтоҳмӯҳлати камшоху барг имконият дорад, масалан, шафтолу. Камбудии ин усул дар он аст, ки коркарди заминро мушкил мегардонад (расми 7).



Усули секунҷаи ниҳолшинонӣ (расми 6).



Усули шатранҷии ниҳолшинонӣ (Расми 7).

**5.5. Усули ниҳолшинонии зич**

Солҳои охир дар сектори кишоварзӣ бештар усули зичро истифода мекардагӣ шудаанд. Дар Аврупо ин усули ниҳолшиновиро барои навъҳои истеъмолии зардолу истифода мекунанд. Андозаи машҳуртарини ин усул 4.5х1,5-2 м мебошад. Бо ин

андоза ба 1 га метавон 100-120 ниҳол шинонида шавад. Дарахтони бо ин усул шинонидашударо ҳар сол бояд шохбурӣ кардан лозим мегардад.

**Ҳисобкунии миқдори дарахтон дар 1 га:**

Суммаи ниҳолҳо 1 га = 1 га /миқдори қатор Х миқдори сутунҳо = 1000 м$^2$ / 10м х 8м = 12,5 адад.

Дар вакти тақсим кардани боғи зардолу бояд ба нишонхои зерин такя намудан лозим мешавад: масофаи байни дарахтони болиғ, анвои он, хок ва шартҳои иқлимиро ба назар гирифтан. Дар ҷойҳои обёришаванда масофаи байни ниҳолҳо бояд нисбат ба ҷойҳои камоб зиёдтар бошад.

Қ А Й Д: Дар соҳаи кишоварзӣ барои гирифтани ҳосили дарозмуддат ва босифат бояд усулу технологияҳои нав истифода шавад. Риоя нашудани тартиботи техникии як мавсим, метавонад ба ҳосили соли оянда таъсири манфии худро расонад. Яъне, барои он ки ҳосили босифати хуб бо мӯҳлати дароз бошад бояд ҳамеша ва саривақт корҳои техникӣ татбиқ карда шаванд.

## 4. Парвариш ва нигоҳубини дарахти зардолу.

### 4.1. Шароити иқлимӣ

Дар маҳалҳое, ки иқлими зимистони сард ва тобистони гарм дорад, барои парвариши дарахти зардолуи босифат намнокӣ аҳамияти калон дорад. Дар минтақаи камнамӣ резиши мева аз дарахтон ба назар расида дар ҷои сернам ва бориш чунин бемориҳо монанди мониолиз ва доғдории хӯранда бештар мушоҳида мешавад. Бинобар ин дарахтони зардолу вобаста ба навъҳояш ва барои рушди дурусти ниҳол дар баробари талабот ба ҳавои гармӣ тағйир меёбад. Чи кадаре ки гармӣ бештар бошад, пухта расидани мева зудтар мешавад. Дар ҷойҳое, ки он ҷо шароити гарми иқлим дер мерасад, гулкунӣ дер фаро расида он сабаби дер ва бесифат пухтани мева мегардад.

Зардолу беҳтару хубтар дар маҳалҳое парвариш карда мешавад, ки дар он ҷойҳо чаҳор мавсим ба назар мерасад, яъне, зимистони сард, баҳори камбориш ва тобистони гарм мавҷуд аст. Чи тавре зикр карда шуд, дарахтони зардолу сатҳи пасти намнокӣ ва гармои зиёдро дӯст медоранд, аммо баландшавии ғайричашмдошти ҳарорат сабаби сӯхтани барг, камшавӣ, кафидан ва пӯсиши меваҷот мегарданд.

Дар парвариши дарахти зардолу иқлими сард яке аз факторҳои манфӣ буда, ба он баҳори дери сард низ сабаб мегардад. Умуман, сардиҳо ҳангоми гул ва пайдоиши мева сабаби нобуд шудани ҳосил мешавад.

Танҳо бо истифода аз чорабиниҳои мазкур метавон талафшавии зиёди ҳосил пешгирӣ карда шавад:

- Барои ташкили боғҳои зардолу набояд минтақаҳои иқлимаш сард ва пастхамӣ интихоб гардад.
- Дар ҳудуди дорои иқлими сард бояд он навъе интихоб гардад, ки ба сарди муқобилати хуб дорад. Аз ин ҷумла навъҳое дохил мешаванд, ки дер гул карда аз зимистон дертар мебароянд.
- Агар хавфи ях кардани дарахтон мавҷуд бошад, бояд ба қуллаи дарахтон тоҷ гузошта шавад.
- Обёрии зиёд ё дери боғ маслиҳад дода намешавад.



Thank you for trying PDF Suite

- Хоки коркардшудаи боғ бояд дар тирамоҳ ё баҳор ба амал оварда мешавад.
- Дарахтон бояд хуб ғизо гиранд, бояд аз поруандозии ғайри навбатӣ ва зиёда аз миқдори азотӣ худдорӣ карда шавад.
- Бояд саривакт бо бемориҳои дарахтори зардолу мубориза бурд.
- Дар вакти сардиҳо бояд усули гуногуни пешгирӣ аз ях кардани дарахтон истифода шавад (паҳн намудани коҳ, об, гарм кардани боғ ба воситаи бухориҳо (печка)).

Муғчаи дарахтони зардолу барои баромадан аз хоби зимистон сатҳи муайяни яхкунӣ дар вакти рушдро аз сар гузаронад. Дар вақти интихоби навъи зардолу ва ё дар вақти интиқол аз як ҷой ба дигар, бояд пешакӣ сатҳи яхкунонии ин навъи дарахтонро муайян намудан лозим мешавад. Хушкмеваи ин навъи дарахтон ба сардиҳои зиёдтар нисбат ба анвои истеъмолии зардолу талабот доранд. Он гоҳ сардиҳои зимистон ба ҳисоб мераванд, ки агар ҳарорат пасттар аз +7,2 дараҷа бошад.

## 4.2. Хок.

Ниҳолшинонӣ ва нигоҳубини ниҳолҳои ҷавон, ташкили шароити муваффақонаи коркарди зардолу аз тайёр кардани пешакии хок оғоз мешавад. Ин тарз дар якҷояги бо коркарди баъдии ниҳолҳо бояд бо назардошти хусусиятҳои ниҳол анҷом дода шавад.

Тайёр кардани пешакии хок побели чуқури онро дар чуқурии на камтар аз 60, дар хокҳои зич бошад, на камтар аз 80 см бо воридкунии якҷояи поруи органикиро дарбар мегирад. Побели чуқури хок бамаротиб хусусияти обуфизикӣ ва химиявии онро хубтар, зичии онро дар қабати решагӣ кам мекунад.

Дар минтақаҳои ҳамвор ва ё каме хам чуқуриҳои ниҳолро ба чуқурии 60 см ва бештар ва бари 60-80 см мекобанд. Дар хокҳои қум ва камҳосили дорои алафи пӯсидаи ғафсиаш кам, инчунин дар қитъаҳои нишеб бо қабати зичи гили вазнини зерхоки чуқуриро хеле чуқур мекобанд. Ҳангоми кофтани чукурӣ набояд қабати ҳосилхезро бо қабатҳои поёнӣ омехта карда. Онҳо алоҳида гузошта мешаванд. Чуқуриҳоро бояд аз тирамоҳ тайёр карда, нихолро танҳо баҳор шинонидан лозим аст.

Зардолу дренажи хуб, аммо бо имконияти хуби нигоҳдории намӣ, каме хоки ишқордорро (pH 6,5—7,5) дӯст медорад. Хокхои сабуки қумӣ барои он мувофиқ нест. Усули асосии коркарди хок — кишти тирамоҳӣ аст, ки онро ба чуқурии 18—20 см дар миёнақатор ва чуқурии 12—15 см дар наздикии дарахтон анҷом медиҳанд. Побели якуми хокро баҳори барвакт — бо культиватор ва ё бел — бо чуқурии 10 см анҷом медиҳанд. Навъи дигари коркарди хок то охири давраи вегетационӣ дар чуқурии 6—8 см анҷом дода мешаванд. Шумораи коркарди тобистона вобаста аз миқдори обёрӣ вобаста аст. Одатан дар давоми мавсими вегетатсия 4—5 побели сабукро анҷом медиҳанд.

## 4.3. Обёрии дарахтон.

Дарахтони зардолу, мувофиқи навъашон, нисбат ба меваҳои дигар оби камтарро истифода менамоянд. Ҳангоми дуруст обёрӣ кардани дарахтони зардолу зиёдшавии сифатӣ ва миқдории ҳосил ба назар мерасад. Вақт ва миқдори обёрӣ вобаста аз тарзи истифодашавандаи обёрӣ, сохтори хок, шароити иқлим, навъ ва синну соли дарахтори зардолу мебошад. Бинобар шартҳои мазкур обёрӣ дар ҳудуди аз 5-10 тағйир меёбад. Обёрӣ дар кишварҳои гармиқлим аз охири моҳи май ва аввали июн оғоз гардида, то охири моҳи сентябр аввали октябр бо фосилаи 15-20 рӯз давом меёбад. Объёрии нодуруст ба камшавии миқдори гул дар соли оянда ва гулрезиву меварезии барвақтӣ оварда мерасонад.



Thank you for trying PDF Suite

Дар хокҳои мушкили гилӣ миқдори обёрӣ бояд зиёд бошад. Дар кишварҳое, ки гарм ва камоб буда сатҳи намнокӣ паст аст, миқдори обёрӣ зиёд, дар кишварҳои намнок-кам мебошад. Дар дарахтзоре, ки ҳосилхез аст, зарурат ба об меафзояд. Дар ин давра ба ин гуна дарахтон бояд фосила ва ҳаҷми обёрӣ зиёд карда шавад. Дарахтони зардолу ҳатман пеш аз ҳосил ба муддати 7-10 рӯз бояд обёрӣ карда шаванд. Обёрии зиёд ва сероб сабаби нобудшавии дарахтон мешаванд.

**4.3.1. Обёрии ҳавзчавӣ.**

ИнтТарзи маъмултарини обёрии дарахтон ба шумор меравад. Дарахтон ба шакли ҳавзча дар зери шоху барг обёрӣ карда мешаванд. Барои он ки об то танаи дарахт нарасад, дар атрофи он деворача сохта мешавад. Дарахтро пурра бо хок пӯшонидан ба пӯсиши он мерасонад. Андозаи ҳавзча вобаста аз шохубарги дарахт мебошад.

Обёрии ҳавзчавӣ (расми 9).



Обёрии чакравӣ (расми 10).



**4.3.2. Обёрии деворавӣ.**

Ин усул барои хокҳои мушкили гилӣ истифода мегардад. Барои ҳар як дарахт деворача сохта дохилашро бо об пур мекунанд. Оби пуршударо баъди чанде хок ҷаббида мегирад.

**4.3.3. Обёрии чакравӣ.**

Бо ин усул дар ҷойҳое, ки об кам аст, масоҳатҳои зиёдро обёрӣ менамоянд. Ин усул содда буда қувваи ками кориро талаб менамояд. Барои ин усули обёрии кӯтоҳфосила хос аст. Барои дарахтони болиғе, ки майли пиршавӣ доранд ин усул мувофиқ нест. Обёрии чакравӣ дар боғҳои ҷавон ё ниҳолҳо хуб аст (расми.10).

**4.3.4. Обёрии фавворавӣ.**

Ин усулро метавон ҳангоми таъмини об бо фишори муқимӣ ё сайёр истифода кард. Агар масоҳат ба обёрии сатҳи мувофиқ набошад, тарзи беҳтарини обёрии фавворавӣ мебошад. Ин усул низ содда ва қувваи зиёди корӣ намехоҳад. Дар кишварҳои гармиқлим барои обёрии фавворавӣ вақти шабро истифода менамоянд, то бухоршавии зиёди об дар дарахтон пешгирӣ карда шавад. Дар ҷойҳои сершамол ин усул тавсия дода намешавад

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ бештар усулҳои қатравӣ ва фавворавӣ истифода мегардад. Барои онҳо хароҷоти зиёди аввалӣ, аммо ҳосилнокии зиёди баъдӣ хос аст. Ин усулҳоро дар ҷойҳои дастнорас муассир истифода мебаранд.

## 4.4. Нуриҳои маъданӣ.

Талаботи ниҳоли зардолу бобати унсурҳои ғизодиҳӣ барои таъмини ҳосилнокии олии мева хеле муҳим мебошад. Ба меваи зардолу донакҳои сахт хос

Thank you for trying E-Suite

аст. Ин чунин маънӣ дорад, ки хок бояд хеле аз маводи ғизоӣ бой бошад. Боғдорон метавонанд ҳосилнокиро бо нигоҳубини хуб ва ғизодиҳии дуруст зиёд намоянд. Натиҷаи ғизодиҳӣ вобаста аз факторҳои гуногун мебошад: обёрӣ, касалиҳои дарахтон, зараррасонҳо, усулҳои шохабуррӣ ва коркарди хок. Чи тавре маълум мешавад, ин факторҳо бевосита бо ғизодиҳии дарахтон он қадар алоқамандӣ надоранд. Лекин яке аз ин факторҳо аллакай ба таври муассир ба ғизодиҳӣ таъсири манфӣ ворид карда метавонад.

Миқдори пору, ки барои дарахтони зардолу истифода мегардад, аз кишвар, минтақа ва ҳатто аз боғ вобаста мебошад, ки дар он дарахтон ҷойгир мебошанд. Ҳамин тавр, боғдор бояд хусусияти хок, шароити иқлимӣ ва ҳатто синну соли дарахтонро хеле амиқ омӯзад.

**4.4.1. Ғизодиҳӣ то ва дар вақти ниҳолшинонӣ.**

Агар боғи нақшавӣ пештар ҳамчун замини киштзор истифода шуда бошад, пас онро бояд дар баҳор побел кардаю то як муддати муайян нигоҳ доштан лозим мешавад. Баъди побел кардани замини боғ тирамоҳ пеш аз шинонидани ниҳолҳо ғизодиҳии онро анҷом додан мумкин аст. Ғизодиҳии замин мебояд баъди таҳлилу омӯзиши хеле бодиққати хок анҷом дода шавад.

**4.4.2. Ғизодиҳӣ ҳангоми шинонидани ниҳолҳо.**

*А). Ғизодиҳӣ ба таври чуқурчаҳо*: Дар ин намуди ғизодиҳӣ поруро ба худи чуқурӣ мегузоранд, ки дар он ниҳолҳои зардолу шинонида мешаванд. Барои мисол: ба чуқурии ҳар як ниҳол 300 г сульфати аммоний, 200 г суперфосфат ва 200 г сульфати калии омехташударо меандозанд.

*Б). Ғизодиҳӣ дар тамоми қитъа:* Аз таҳлили хок бармеояд, ки ба тамоми чуқурӣ ғизои фосфордор ва ё калийдор андохта, баъд аз он побели қабати болоии хокро анҷом медиҳанд. Ҳамин тавр, метавон ба он боз миқдори зарурии фосфор ва оҳак ҳамроҳ намуд.

**4.4.3. Ғизодиҳии дарахтони ҷавон.**

Агар ҳангоми ниҳолшинонӣ поруи ҳайвонот истифода мешуда бошад, зарурати дар соли аввал истифода кардани ғизои азотӣ мавҷуд нест. Ғизои азотиро аз соли дуюм андохтан лозим мешавад. Барои нашъунамои ҳар соли дарахт 100-150 г сульфати азотдори аммонии 21% ҳамроҳ кардан лозим мегардад. Бо истифода аз натиҷагирии таҳлили хок ҳар 2-3 сол ба ҳар як дарахт метавон ғизои фосфорӣ ва калийдор ҳамроҳ кардан лозим мешавад. Ҳамин тавр, барои ҳар як дарахт 50 г суперфосфат ва 100 г сульфати калий ҳамроҳ менамоянд. Ҳангоми аксуламали хок бо зиёд шудани pH-7,5, сарчашмаи ғизои азотӣ сульфати аммоний ба ҳисоб меравад.

**4.4.4. Ғизодиҳӣ дар вақти хосилгирӣ.**

Дар давраи ҳосилдиҳии дарахтон натанҳо тахлили хоки замини боғ, балки таҳлили баргҳои он зарур мегардад. Дар давраи ҳосилдиҳӣ зарур аст, ки ҳар 2-3 сол таҳлили баргҳои дарахтон гузаронида шавад. Бо кӯмаки таҳлили баргҳо метавон ҳолати трофикии дарахтон, ки то чӣ андоза дарахт хуб ғизо мегирад, муайян ва муқаррар карда шавад.

Дарахтони ҳосилдор бояд муодил ба ҳосили доштаашон ғизои минералӣ гиранд. Аммо танҳо мувофиқи қоидаҳои умумӣ барори ҳар соли дарахт 100-150 г сульфати аммонии азотдори 21% ва ҳар 2-3 сол 0,5-1 кг суперфосфат ва 1-2 кг сульфати калий ҳамроҳ кардан лозим мегардад.

Илова кардани ғизоҳои азотдорро ба 2 давра тақсим менамоянд. Аз 2/3 қисми ғизоро баҳори барвақт, пеш аз шукуфтани гулҳои дарахтони зардолу, аз 1/3 ҳиссаи

онро дар моҳи май андохтан мумкин мешавад, ки дар ин давра сахтшавии донаки зардолу ба вуҷуд меояд.

### 4.4.5. Усули ғизодиҳии дарахтон.

Барои он, ки дарахтон аз ғизодиҳӣ фоидаи садфоизаро ба даст оваранд, бояд усулҳои ғизодиҳии он ба тавр комил омӯхта шавад.

***А). Усули пошидани ғизои маъданӣ ба сатҳи хок***. Мақсади ин усул пошидани ғизо ба хоки зери шоху барг мебошад, аммо на камтар 40-50 см ба зери худи дарахт меандозанд. Бо истифода аз ин усул метавонем, ки ғизодиҳии азотиро низ анҷом диҳем. Ҳамин тавр, нурии минералии азотӣ нисбат ба фосфор ва калий беҳтар ва хубтар аз сатҳи хок ҷазб карда шуда самараи зуд ба бор меоварад (расми 8).

Пошидани ғизои маъланӣ ба сатҳи хок (расми 8). Усули заминкан (расми 9).





***Б). Усули ғизодиҳӣ ба хок***. Усулҳои гуногуни илова намудани ғизоҳои минералӣ ба хоки назди дарахт мавҷуд аст. Мо дар ин маврид мехоҳем, ки якчанд намуди онро номбар намоем.

- *Усули заминкан*. Ин усул бештар барои ғизодиҳии дарахтони ҷавон истифода бурда мешавад. Он дар байни дарахтон, дар ҳудуди шоху барги он сурат мегирад, яъне заминкан кофта мешавад. Чуқурии он 20-25 см ва бари он 40 см-ро ташкил медиҳад. Дар ин заминкан баробар ғизоҳои фосфордор ва калийдор илова карда аз болояш хок мепошанд (расми 9).
- *Усули чуқурӣ*. Ин усул бештар барои дарахтони болиғ истифода мегардад. Барои ҳар як м$^2$ дар зери шоху барги дарахтон чуқурии 20-25 сантиметра кофта ба он ғизои фосфор ва калийдор мегузоранд. Баъд аз болояш хок мепошанд (расми 10).

Расми 10: Усули чуқурӣ.



Расми 11: Усули ғизодиҳии байниқаторӣ.



- *Усули ғизодиҳии байниқаторӣ.* Ҳангоми паст будани шохаҳои дарахтон ин усулро истифода менамоянд. Дар фосилаи 1,5 м аз танаи дарахт ба дарозии қатор заминкани 20-25 см мекобанд. Баъд аз ин метавон миқдори ғизоро ба ин заминканҳо ҳамроҳ намуд.

***В). Усули илова кардан ба баргҳо.*** *Мазмуни ин* усул дар он аст, ки маҳлулҳои ғизоии тайёр кардашуда ба дарахт аз тариқи баргҳо дода мешавад, ки онҳо баҳори барвақт ташаккул ёфтаанд. Ин усул бештар ба дарахтон микроэлементҳо ба шакли Fe, Zn, Mn ва диг. интиқол менамоянд.

## 5. БУРИДАНИ ШОХАҲОИ ДАРАХТОН.

Мақсади шохабуррии дарахтон иборат аз мустаҳкам кардани қисми шоху барг ва тамдид кардани ҳосилнокии дарахтони зардолу, инчунин додани қувват ва нерӯи нав ба шохҳои пешинаи он мебошад.

Бинобар мавсими сол, шохабуррии дарахтон метавонанд ба 2 гурӯҳ ҷудо карда шаванд: шохабурии зимистона ва тобистона.

### 5.1. Шохабуррии дарахтони зардолу.

Дар зимистони гарм шохабуриро дар вақте гузаронидан мумкин аст, ки баргрезии дарахтон сар мешавад ва дарахтон ба хоби зимистон омода мешаванд. Шохабурии зимистонӣ набояд дар вақти сармои сахт анҷом дода шавад. Дар мавсими сардиҳои сахти фасли сол давраи беҳтарини шохабурии онҳо охири фасли тирамоҳ ва ё аввали мавсими баҳор, яъне пеш аз бедоршавии дарахтон ба шумор меравад.

### 5.2. Шохабуррии тобистонии дарахтон.

Шохабуррии тобистона аз он ҷиҳат мувофиқи мақсад мебошад, ки он шохчаҳои навро ташаккул медиҳад ва ин тарз ҳосилро мустаҳкам ва ба намудҳои бемориҳои гуногун устувор менамояд. Соли оянда ин навъи қисмати шохаҳо бахши асосии ҳосили меваи дарахтонро дар худ ташаккул медиҳанд. Аммо баркси он шохабуррии тобистона танҳо он гоҳ муассир ҳисоб мешавад, ки нисбати дарахтони шохаашон зуд ташаккулёбанда татбиқ гардида бошад. Дарахтоне, ки шохабуррии тобистона шудаанд, мустаҳкамтар шуда шоху барги печидаву зиёд ба вуҷуд меоваранд.

Ҳар як мева дар дарахт то 40 баргро мехоҳад. Ин таносубро дар давраи шохабуррии тобистона назорат кардан мумкин мешавад. Ин таносуб ба ранг, навъ, сифат ва давраи нигоҳдории мева таъсири худро расонида метавонанд.

Маъмулан чаҳор навъи шохабурриро фарқ мекунонанд: дар вақти шинонидан, ташаккулдиҳанда, шохабуррии ҳосил ва ҷавонкунандаи дарахтон.

### 5.3. Шохабуррӣ ҳангоми ниҳолшинонӣ.

Дар ниҳоли зардолу, пеш аз шинонидан, шохабурриҳои низоми шоху барг ва решавӣ анҷом дода мешаванд. Дар вақти ташкил намудани боғ интихоби дарахтон бояд ба фоидаи ниҳолҳои яксола бошад. То оғози кушода шудани муғҷаҳои дарахтон онҳоро дар баландии 1-1,2 м ва ба фосилаи 40 см аз асоси шохаи интихобшудаи асосӣ анҷом додан лозим мегардад. Тамоми шохачаҳоеро, ки онҳо аз шохаҳои асосӣ сабзида мебароянд, тахти кунҷи рост мебурранд. Аз ҳамаи шохаҳо, муғҷаҳои ташкилшудаи мобайнӣ, танҳо як донаи онро, ки тахти кунҷи кунд воқеъ аст монда, дигарашро «барои ҳалқа» нобуд менамоянд. Шохаҳои боқимонда бояд танҳо, дар фазо баробар ҷойгиршуда бошанд. Часпиши садфоиза

ва шохаҳои асосии боқуввати дарахт – асоси ташкили боғи сермаҳсул ба шумор мераванд.

**5.4. Шохабуррии ташаккулдиҳандаи дарахтон.**

Барои ноил шудан ба шоху барги пурқувват, ки ҳамеша ва бисёр ҳосил медиҳанд, шохабуррии ташаккулдиҳандаи дарахтон истифода мегардад. Асосан чунин навъҳои шохабуррии ташаккулдиҳандаи дарахтон истифода бурда мешавад: шакли Modifiye Lider, шакли тезқулла шакли низоми Goble.

***5.5. Шохабуррии ҷавонкунандаи дарахтон.***

Барои тамоми навъи дарахтон истифода шуда, аммо бештар самараи ин навъи шохабуррии дарахтони пири мева ба назар мерасанд. Шохабуррии ҷавонкунандаи дарахтони мевадор имкон медиҳад, то рушду нумӯъи шохаҳои ҷавон, мевадиҳандаи он қувват гирифта ҳосилнокии дарахтон афзун гардад. Аммо ин усул барои дарахтони зардолу истифода бурда намешавад, зеро аз ҷойҳои буридашудаи шохаҳои дарахтони зардолу кам дида мешавад, ки шохаи нави он сабзида бароянд. Агар ҳатто рӯянд ҳам, онҳо мевадиҳанда намешаванд.

## 6. БЕМОРИҲОИ ДАРАХТОНИ ЗАРДОЛУ.

**6.1. Мониолиз.**

Ангезандаи намуди бемории мазкури дарахтон – замбурӯғ буда, он дар ҳамаи минтақаҳои парвариши зардолу ба мушоҳида мерасанд. Аввал ин намуди беморӣ тағйири ранг ва хушкшавии гулҳоро ба амал меорад (расми 11), баъд аз ин – барг ва навдаҳои яксола ба ин беморӣ гирифтор мешаванд. Дар давоми фасли тобистон замбурӯғ дар таркиби меваҳо паҳн мешавад. Аввал дар онҳо доғи тираи хурд пайдо шуда, он тадриҷан калон мешавад ва баъдан тамоми меваро фаро мегирад. Гӯшти дохили мева тира шуда болои онро болиштакҳои сиёҳи спорадор мепӯшонанд. Меваҳои бемор шакли мавизакро гирифта хушк мешаванд ва меғалтанд. Сироятшавӣ ҳангоми тамоси наздики меваҳои бемор бо солим ба вуҷуд меояд. Инфексия то баҳори соли оянда дар қисмҳои боқимондаи мурдаи растанӣ, меваҳои сироятшуда ва баргҳо боқӣ монданаш мумкин мешавад. Бо мақсади ҳифзи меваи зардолу аз сӯзиши монилиалӣ чидани меваҳои бемор, барг зарур мегардад ва пас дар рӯи ғӯзаи гулгуни растанӣ пошидани моводди доруворӣ сурат мегирад.



Расми 11. Нишонаҳои мониолиза ҳангоми гулкунии дарахтон.

**Чораҳои мубориза зидди бемориҳо.**

Аҳамияти аввалиндараҷаро дар ин бахш тозаю озодагии боғ ташкил медиҳад. Занбурӯғи касалиоварро дар барг, шоха, мева, пӯстлох ва дигар қисмҳои дарахт ба мушоҳида расида, муҳим он аст, ки дар фасли тирамоҳ баргҳои онро ҷамъоварӣ карда сӯзонидан, мулоим кардани атрофи танаи дарахт муҳим аст. Чораи муассири он иборат аз ворид кардани ғизоҳои маъдании органикӣ, минералӣ ва оҳакдор мебошанд. Ғизодиҳӣ инкишофи хубу солими дарахтонро таъмин менамояд ва ҳамроҳи он аксиамали усораи ҳуҷайраро ба тарафи номусоид нисбати ангезандагони бемориҳо ва ҳашароки зררарасон ба вуҷуд меоварад.

Зарур он аст, ки решаҳои навбаромада низ нобуд карда шуда шохаҳои хушку бемор бурида шаванд, пӯсти мурдаи тана тоза карда шуда бо маҳлулҳои боғдорӣ пӯшонида шаванд. Шамолгузаронии шохаҳои дарахтон хеле муҳим мебошад: муҳим он аст, ки саривақт навдаҳо дар танаи дарахт ва шохаҳои асосӣ бурида шуда ҷавоншавии шоху барги он таъмин карда шаванд.

**6.2. Доғзании хӯранда** (*Clasterosporium carpoplilum Aderh.*):

Ангезандаи ин намуди бемориӣ – занбуруғ буда, он баргҳо (расми 12), мева ва муғҷаҳои генеративии дарахтонро ба бемориӣ гирифтор менамоянд (расми 13). Дар баргҳои дарахтон доғҳои даврашакли дорои ҳалқаи сурхи бунафш ва марказаш-гулобӣ пайдо шуда дар оянда чунин бофтаҳои беморшуда мерезад. Дар давоми 1-2 рӯз то доғзанӣ дар онҳо спора пайдокунии занбурӯғ ба назар мерасад. Дар меваҳо доғҳои аввали майда ва сурхранг пайдо шуда онҳо баъдан сахт мешаванд. Баъзе навъҳояш ҷойҳои беморшударо мерезонад ва дар ҷойи он чуқуракчаҳо пайдо мешавад, дар дигар навъҳо бошад меваҳо кафида баднамо мешаванд.

Муғчаҳои бемор нисбат ба солимаш торикранг буда бо қатрони дарахт пӯшонида шудаанд, ҷилодор, нашукуфта дар навда боқӣ мемонанд. Дар навдаҳо зери муғча доғҳои чуқури дорои кафидагиҳо ва қатронрехта пайдо мешаванд. Навдаҳои бемор ва муғчаҳо ҳавзаҳои доимии бемориӣ ба ҳисоб мераванд. Паҳншавии босуръати спораҳои ангезанда ва сироятии растанӣ дар фасли баҳор ва тирамоҳон ҳангоми боронгарӣ асосан бавуҷуд меояд.

Дар ин бемориӣ сифатнокии меваи зардолу босуръат паст шуда аз 30% то 60% фоизи ҳосили умумиро талаф медиҳад.

Чораҳои пешгирии бемориӣ:

- Тоза кардани ҳамаи шохаву навдаҳои бемор, инчунин ҳашароти зараррасони зимистонгузарон ва сӯзонидани минбаъдаи онҳо;
- Тоза кардани ҷароҳат, дезинфексия ва марҳаммолии онҳо, тоза кардани пӯстлохи мурда;
- Ҷамъоварии тамоми меваҳои рехта ва бемор ва сӯзонидану гӯр кардани онҳо ба чуқурии на камтар аз 40 см;
- Ҷамъоварӣ, сӯзонидан ва ё гӯр кардани баргҳои бемор;
- Дезинфексияи давра ба давраи ҳамаи дарахт бо маводи заруриии давоӣ ва ё оҳак;
- Аз миёнаи тирамоҳ ҳимояи зардолу аз сӯзонидани офтоб, сармозанӣ ва ҳашароти хоянда (харгӯш ва мӯшҳо). Муҳофизати аз ҳама беҳтарини он бо маводи мухталиф печонидани рӯстаниҳо мебошад, ки ин намуди ҳимоят дар давраи охирҳои фасли тирамоҳ ва аввалҳои баҳор рустаниҳоро аз шӯоъҳои баланди офтоб ва дигаргуншавии шадиди ҳарорат пешгирӣ менамоянд. Маъмулан танаи дарахтон, шохаҳои марказӣ ва навдаҳои шаклгирифтаи асосии он печонида мешавад. Қисмати поёнии печонидашудаи танаи дарахт хокпӯш карда мешавад, то ки ба он ҷо мӯшҳо роҳ наёбанд;
- Ба таври аниқ ва дуруст иҷро намудани ҳамагуна усулҳои агротехникие, ки барои зироати маҳсулоти зардолу характернок мебошанд.

**Чораҳои мубориза бо он.**

Барои мубориза бар зидди ин гуна бемориӣ маҳлули бордосии 1%-ро дар мавсими баҳор ба муғҷаҳои нашукуфтаи растанӣ ва тирамоҳ баъди баргрезии он пошидан лозим мешавад.

Расми 12: Намуди меваи зардолу ва баргҳои дарахт ҳангоми гирифтории бемории *Доғзании хӯранда*



Расми 13: Нишонаи бемори̅ дар шохчаҳои дарахтон.



**6.3. Цитоспороз.**

Як навъи бемории занбурӯғ аст, ки аз он меваҳои зардолу, олу, шафтолу, гелос ва олуболу гирифтор шуданашон мумкин мешавад. Ангезандаи он дар бофтаи назди ҳудудии пӯстлох дар навдаҳову танаи дарахт ҷойгир мешавад, ки рангашро дигар карда ҷигарии хокистарранг мешавад. Бемори̅ дар қуллаи шохахо ба шакли баргҳои хазоншуда ва доғҳои ҷигари̅ ва ширарехтаҳо дар пустлохи дарахт зоҳир мешавад. Бемори̅ пайваста поён фаромада шохаҳои ғафс ва билохира, танаи дарахтро фаро мегирад. Шохахои бемори дарахтон хушк мешаванд (расми 14). Ҳангоми беморшавии шохаҳои калони асоси̅ ва тана дарахт нобуд мешавад. Сироятшавии дарахти зардолу мӯҳлати умри онро то 5-7 сол кам мекунад.

Ба ғайр аз чорабиниҳои минбаъда, ҳимоя кардани дарахте, ки ба бемории цитоспороз мувоҷеҳ гардидааст, метавонад аз ҳисоби саривақт буридани шохаҳои сироятёфта анҷом дода шавад. Бурридани шохаҳои беморро беҳтар он аст, ки бо пайдо кардани аввалин баргҳои хазон анҷом дода шаванд (ба андозаи 0,8-1,5 м), то комилан нобуд кардани шохаи асоси̅ бо шарти асосии поёнтар аз буриш набояд ягон қисме аз бофтаҳои бемор боқи̅ намонад, баракси ҳол ин бемори̅ пешгири̅ намешавад. Дар ин маврид хеле хатарнок аст (на танҳо барои худи он, балки ба дарахтони наздикбуда) ки агар дарахтони хушкшуда бурида нашаванд, зеро онҳо хатари сироят ёфтанро ба тамоми минтақа боқи̅ мегузоранд!

Коркарди махсуси химияви̅ дар ин холат мавҷуд нест.

Расми 14: Цитоспороз дар шохаҳои дарахтони зардолу.

Thank you for trying PDF Suite




**6.4. Доғҳои хокистарӣ (гномониоз).**

Ангезандаи он занбурӯғ буда, асосан баргҳои дарахтонро сироят карда, камтар ба меваву навдаҳо таъсир мерасонад. Баргрезии пеш аз мӯҳлатро ба вуҷуд оварда, ҳосилнокии дарахтонро паст карда сифати меваҳоро то андозае паст менамояд. Дар ин маврид дар баргҳои дарахтон доғҳои зардранги диаметрашон 0,5-1,5 см пайдо мешавад, дар натиҷа онҳо хушк шуданашон мумкин мешавад. Қисми сироятёфтаи барг хокистарранг шуда хушк мешавад, тоб хӯрда пеш аз мӯҳлати муқарраршуда мерезанд. Меваҳои он низ бо чунин доғҳо пӯшонида шуда шаклашонро иваз мекунанд ва асосан мерезанд. Дар навдаҳои нави соли ҷорӣ доғҳои хокистарии шаклашон ҳархела пайдо мешаванд (расми 15). Зарари бештарро ин намуди бемориҳо ба растаниҳои ҷавон мерасонанд, ки сабаби баргрезии барвақтӣ ва сустшаваии нашъунамои растанӣ мешавад.

Татбиқи чорабиниҳои саривақтии пешгирикунанда ва дар сатҳи олии агротехникӣ имконияти ба маротиб баланд кардани устувории боғи зардолу нисбат ба бемориҳои хатарнок шуданаш мумкин мегардад. Ин кор бояд аз интихоби навъи ниҳол бояд оғоз карда шавад. Набояд растаниҳои тасодуфӣ интихоб шаванд. Маводи боғи нав бояд олисифат, саломат, хубу пурра дар ҷои пайвандшуда дар ҷои пайвасти шоххо бо пайванд (ҷои пайвандшуда) бошад. Шохабуррии зардолу дар фасли тирамоҳи бевақт, мавсими зимистон ва баҳори барвақт, ки дар он замон ҳарорати миёнарӯзии ҳаво пасттар аз мусбат мебошад, тавсия дода намешавад. Пайдошавии захмҳо дар штамб, тана ва шохахои скелетии дарахт роҳ дода нашуда, онҳо бояд саривақт тоза карда шуда, дезинфексия карда шаванд ва бо маҳлули боғдорӣ пӯшонида шаванд, аз маҷмӯи шоху баргхо, шохаву навдаҳои бемору суст ва хушк тоза карда шаванд. Дар вақти баҳор то шукуфтани муғҷаҳо ва тирамоҳ, баъди баргрезӣ бояд растаниҳо бо маҳлули 2%-и бордосӣ коркард карда шудаю бо оҳак пӯшонида шаванд.

Расми 15: Доғҳо дар шохаҳои дарахтони зардолу.



Расми 16: Тағйир ёфтани меваи зардолу.



**6.5. Бемориҳои вирусӣ.**

Яке аз факторҳои асосии пастшавии ҳосили зардолу дар тамоми ҷаҳон ин гирифторшавии дарахон ба бемориҳои вирусӣ мебошад. Ҳангоми риоя кардани ҳамаи чорабиниҳои профилактикии пешгирикунандаи беморӣ пастшавии тамоми амрози вирусӣ ба назар мерасад. Яке аз нишонаҳои асосии он иборат аз деформатсияи меваи зардолу то сатҳи донаки он мебошад (расми 16).

Ҳамаи чораҳои мубориза бар зидди ин бемориҳо ба монади дигар навъҳои бемории дарахтон ба шумор меравад.

## 7. Микроорганизмҳое, ки барои дарахтони зардолу зараровар мебошанд.

Дарахтони зардолу аз ҷониби зараррасонандагону сирояткунандагони олу ва дигар дарахтони мевадиҳанда сироят карда мешаванд. Аз ҷумлаи онҳо метавонанд, ки ғозак, шабпарак, парвона, кӯя, шакарак ва дигарон бошанд. Яке аз зараррасонҳои хатарноки он сусак аст, ки хеле паҳншуда ба шумор меравад. Бояд нисбати пайдоиши ин ё он зараррасон мушоҳида бурда шуда, паҳншавии он пешгирӣ карда шавад. Барои самаранок мубориза бурдан бо зараррасонҳо бояд мунтазам чорабиниҳои пешгирикунандаи онро анҷом дода шуда, қисмҳои зимистонгузарони онҳо дар танаи дарахтону растаниҳо нобуд карда шавад, пӯстлохи мурда ва сармозада дар танаи дарахт ва шохаҳои асосии скелетӣ тоза карда, растаниҳои бегона даравида партофта шаванд, хокро дар ҳолати зарурии намнокӣ нигоҳ дошта шавад. Зараррасонҳоро дастӣ ва ба таври биологӣ нобуд карда ҳамчун чораи охирин моддаҳои химиявиро истифода бурдан мумкин аст.

7.1. Кӯ**яи хат-хати мева** ***(Anarsia lineatella zell.)***

Кӯяи хат-хати мева; синонимаш — миттаи хат-хат (Полосатая моль, урюковая плодожорка). Шабпараки хурдакаки борикбол буда масофаи болҳояш 11—14 мм-ро ташкил медиҳад. Болҳои пешаш хокистарии торик бо хатаки амудии сиёҳ, болҳои қафояш - хокистарӣ, пар - параки дарози нукраӣ дорад. Кирмаш сурхи ҷигарӣ, сараш сиёҳ, сипари сари сина ва пойҳои синагӣ дорад (расми 17a). Дарозии кирми болиғ то андозаи 10 мм мебошад.

Кирми майдаҳак (дарозиашон тақрибан 1— 1,5 мм) дар пӯстлохи шохаҳои борик, бештар дар мобайни шохаҳо зимистон мегузаронад (расми 17b). Дар мавсими баҳор онҳо бедор шуда, аввал ба муғча, баъд ба навдаҳои сабз ворид шуда дилаи онро



Thank you for trying PDF Suite

мехӯранд (расми 17 c). Дар натиҷаи ин муғҷаҳои дарахтон хазон шуда хушк мешаванд. Дертар кирмҳо ба дигар шохчаҳо гузашта онҳоро ҳам вайрон ва нобуд менамоянд. Дар давраи инкишофаш як кирм метавонад 4—5 навдаро несту нобуд намояд (расми 17d). Ғизогириро ба охир расонида кирмҳо дар навдаҳои харобшуда сурохиҳо мехоянд, берун мебароянд ва дар шикофиҳои пӯстлох, хазон, кулӯххо ё хок дар чуқурии 2— 10 см паноҳ мешаванд ва барои худ пиллаҳои тор танида дар дохили он зоча мемонанд. Дар охирҳои моҳи май — июн аз зочаҳои онҳо шабпаракҳо мебароянд, ки бегоҳӣ парвоз карда дар навдаҳои ҷавон ва бехи муғҷаву барг ва меваҳо тухм мегузоранд (расми 17e). Кирмҳо пеш аз маргашон ба муғҷа, навда ва меваҳо ворид шуда дар онҳо роҳҳо мекобанд. Дар моҳи июл онҳо зоча шуда дар охири моҳи июл — август шабпаракҳои генератсияи дуюм парвоз карда дар навдаҳо тухм мегузоранд. Кирмҳои онҳо пеш аз нобудшавиашон дар пӯстлох истода ғизо мегиранд ва дар он ҷо зимистон мегузаронанд.

**Расми 17**: **кирми болиғи кӯяи хат-хати мева (a), ҷанини он (b), зочаи он (c), зарари расонидаи кӯяи хат-хати мева ба навдаҳо (d) ва мева (e)**



**Ҷораҳои мубориза ба зидди он.**

*Муборизаи механикӣ.* Навдаҳои зарардида аз моҳи май то охири август, ҳафтае як маротиба бояд 8-10 см кӯтоҳ кардан лозим мешавад. Меваҳои зарарёфтаро бояд несту нобуд намуд.

*Муборизаи химиявӣ.* Вақти баҳор пеш аз шукуфтани муғҷаҳо дарахтон бо маҳлули 3%-и нитрафен ва ё 1%-и маҳлули ДНОК дорупошӣ карда мешаванд. Баъд аз 5— 6 рӯз баъди ба охир расидани гул бо махлули 0,3%-и карбофос, 0,2%-и метафос ва ё 0,15%-и метатион дорупошӣ карда мешаванд. Ҳангоми сахт зарар ёфтани дарахтон дорупоширо баъди 13—14 рӯз бо яке аз ин гуна доруворихо анҷом дода, ҳангоми ҳарорат бештар аз 20° баланд шудан, моддаи биологии энтобактерин (0,5 %) бо илова кардани 0,02 % метафос пошида мешавад. Ҳамчунин бӯридан ва сӯзонидани навдаҳои аз тарафи кирмҳо нобудшудаи дарахтон; ғунучин ва баровардани партови меваҳои рехташуда ва сӯзондани онҳо; нарм ва мулоим кардани хоки зери дарахтон; гузоштани бандинаҳои ҳашоротқаппак ба тана ва шохаҳои асосии дарахтон.

7.2. Гамбуски чиндор (**Заболонник морщинистый - Scolytus rugulosus mull).**

Ин чунин навъи гамбуски сиёҳи дарозиаш то 1,8-2,5 мм мебошад, ки болҳои ғафсаш ҷигарии торик, дурушт, сатҳаш беҷилои хат-хати шахшӯл, бинобар ин гамбуск чиндор ба чашм менамояд (расми 18). Мисли гамбуски мевагӣ афзоиш ёфта харобиовар аст, аммо бештар ба дарахтони навъи донакдор, асосан олуболу ва зардолу, баъзан хуч ва ангур моил мебошад. Дарахтони қавӣ ва солим бо шарбати худ сӯрохӣ ва шикофиҳои ҷаниндори ин зараррасонҳоро пӯшонида шуда, онро нобуд мекунанд. Дарахтони камқувват, ки онҳоро зараррасонҳо хароб

кардаанд, зуд хушк мешаванд. Пӯстлохи шоха ва танаҳои харобшуда сӯрохиҳои зиёди мудаввари диаметрашон то 2 мм доранд, ки монанди сӯрохии дарафш мебошад.

Расми №18: **Гумбуски чиндор мебошад.**



**Чораҳои мубориза ба зидди он.**

*Мубориза механикӣ.* Шохаҳои бурида бояд несту нобуд карда шуда аз ҳудуди боғ ба масофаи 2 км дур бурда партофта шаванд. Ҳамчунин бояд шохаҳои ҳашаротдор нобуд карда шаванд.

*Муборизаи химиявӣ.* Вақти баҳор (моҳҳои апрел-май) ҳангоми санҷидани шохаҳо ва пайдо кардани ҳашарот дезинфексия гузаронида, дуюмашро баъди 10-15 рӯз ташкил намудан зарур мегардад. Дар моҳҳои июл ва август дезинфексияи сеюм бояд гузаронида шавад. Барои интихоби доруҳои химиявӣ ба мутахассисони соҳа муроҷиат кардан лозим мешавад.

7.3. Канаи ҷайбии олу **(Eriophyes similis Nal.)**

Канаи хурдҳаҷми микроскопӣ буда, зоҳиран ба канаи галлии нок монанд мешавад. Модинаҳои болиғи онҳо дар галлҳои пойгоҳи навдаҳои яксолаи асосӣ зимистон мегузаронанд. Баъди ба охир расидани гулкунии олу канаҳо ҷойи зимистонгузарониашонро тарк карда ба зери пулакчаҳо панох шуда ва ё ба навдаҳои ҷавон мечаспанд ва галлҳои андозаашон 1—2 мм -ро (расми 19) ташкил менамоянд. Дар дохили галлҳо кана афзоиш меёбад. Дар давоми тобистон якчанд насли он ба балоғат мерасанд. Навдаҳои зарардида афзоиш наёфта муғчаҳои онҳо мехушканд ва дар атрофи навдаҳо ва муғчаҳо галлҳо ба вуҷуд меоянд. Баргҳо аз ҷиҳати инкишоф қафо монда шохаҳояшон мехушканд ва дарахт аз мевадиҳӣ мемонад.

Расми 19: Пайдоиши галлҳо.



**Чораҳои мубориза бар зидди он.** Дорупошии дарахтон бо обчушаи оҳаку фосфор ҳамоно баъди гулкунӣ ва такроран баъди 10 рӯз тавсия дода мешавад. Канаҳоро метавон инчунин тавассути дорупошӣ бо фосфори 1%-и коллоидӣ, карбофоси 0,3%, фосфамиди 0,2 ва ё акартани 0,2% нобуд кардан мумкин аст, дорупоширо дар худи ҳамон мӯҳлатҳое, ки бо обчӯшаи оҳаку-фосфор анҷом медиҳанд, ба амал овардан муфид аст. Баҳори барвақт бурида сӯзонидани шохаҳои аз кана зиёдтар зарардидаи зардолуро анҷом медиҳанд.

**7.4.** Ҳашароти **Parthenolecanium corni Bouche (ложнощитовкаи ақоқиё). Ин яке аз навъи** ҳашароти хурдакаки дорои диморфизми возеҳи ҷинсӣ мебошад. Модинаи он мудаввари тухмшакли зардранги ҷигарӣ ва ё сурхи ҷигарӣ дар пушташ хатҳои баракӣ дорад, пушташ баланд аст. Беҳаракат дар рӯи шохаҳои дарахтон ба пӯстлохи дарахт часпида менишинад. Наринааш дорои танаи борики дароз буда он ба сар, сина ва шикам ҷудо шудааст. Тухми он тухмшакли дарозрӯя, сафед буда, дарозиашон 0,35, барашон 0,15 мм мебошад. Ҷанини синну соли якум (дайду) шакли тухмшакл дошта рангаш зарди беранг мешавад, дарозиаш 0,5, бараш 0,3 мм мебошад, дорои се ҷуфт пой ва мӯйлабҳои нағз инкишофёфта мебошад. Ҷанинҳои синну соли дуюм дар аввал сурхи норинҷӣ, баъд торик шуда дар баҳор сурхи ҷигариранг мешаванд.

Ҳашароти ложнощитовкаи ақоқиё хеле сермаҳсул мебошад: як модинаи он аз охири моҳи май то охири моҳи июн вобаста ба шароити ғизогирии ҷанин 1500—2800 тухм мегузорад. Баъд аз 20—30 рӯз ҷанинҳое ба дунё меоянд, ки аз таги сипаракҳо баромада ба барг ва думбаргҳо часпида бо оби онҳо то тирамоҳ зиндагӣ мекунанд. Дар охири моҳи сентябр ҷанинҳо баргҳоро тарк карда ба шохаҳо бармегарданд ва ба пӯстлох сахт часпида зимистонро мегузаронанд. Онҳо ба растанӣ зиёни зиёд меоваранд. Аз растанӣ шарбати онро кашида гирифта, ложнощитовка миқдори зиёди шира итроҳ мекунад, ки дар асоси он замбуруғҳои дудмонанд инкишоф карда, баргу ва шохаҳоро бо пардаи сиёҳе, ки бехи шохаҳоро мепӯшонад ва нафаскашиву ғизогирии растаниро мушкил месозад. Дарахтони зарардида камқуват шуда ҳосилнокӣ ва тобовариашон ба сарди бад мешавад, дарахтони бисёр зарардида зуд хушк мешаванд.

**Чораҳои мубориза бо он.**

*Мубориза механикӣ.* Шохаву навдаҳои буридашудаи дарахтон бояд несту нобуд карда шаванд ва ё берун аз боғ баровардa шаванд.

*Мубориза химикӣ.* Дар фасли баҳор, то шукуфтани муғҷаҳо, дарахтон бо маҳлули 1%-и ДНОК ва ё эмульсияи4% -и моддаи №30 бо илова кардани ДНОК-и 0,5 % барои нобуд кардани ҷанинҳои зимистонро гузаронида мепошанд. Дар ин марҳала дорупошии эмульсионии 6%-и моддаи №ЗОС хеле самаранок мебошад. Ҷанинҳо инчунин бо дорупошии баҳории дарахтон, то шукуфтани муғҷаҳо бо нитрафеном 3%-а нобуд карда мешаванд. Натиҷаҳои хуб гоҳе, ки растанӣ ва ҷанин бо модда хуб тар карда шавад, ба даст меояд. Пеш аз дорупошӣ муҳим он аст, ки пӯстлох аз регу гулсангҳо тоза карда шаванд. Ҷанини синну соли аввал дар давраи тобистон бо дорупошӣ бо яке аз моддаҳои мазкур нобуд карда шавад: эмульсияи 2%-и моддаи № ЗОС бо илова кардани 0,2 % метафос, фосфамиди 0,2%, метафоси 0,3% ва дигар моддаҳое, ки дар мубориза бо ширинчаи сабзи себ самаранок мебошад.

**7.5.** Баргпечонак ***(Recurvaria nanella hübn.)***

Шабпараки ниҳоят хурд аст, ки паҳнои болҳояш 9—11 мм-ро ташкил медиҳад. Болҳои пешаш хокистарранги дорои хатҳои сиёҳ, хати баракии сафед ва асоси хокистарии торик (расми.20а). Тухмаш зардранг, дарозак, дарозиашон 0,45, бараш 0,3 мм мебошад. Кирмаш дарозии 5—6 мм (расми 20b), дукшакл, аввал сурхи

норинҷӣ буда пеш аз зочашавӣ рангаш зайтунии сабзи сараш сиёҳ мешавад. Зочааш ҷигарӣ буда дар пиллаи сафеди дарозиаш то 5 мм ҷойгир мебошад.

Дар фасли баҳор онҳо муғҷаҳоро мехоянд, баъдтар гулу баргҳоро нобуд карда онҳоро бо торҳояшон пупакча карда мепӯшонанд. Баъд аз гулкунии дарахтони мевадор кирмҳои он навдаҳоро нобуд месозанд ва дар онхо роҳҳо мекобад. Онҳо дар дохили баргҳо ва ё пулакчаҳои пӯстлохи дарахт зоча мемонанд. Баъди 14 рӯз аз онҳо шабпаракҳо пайдо шуда дар моҳи июн — аввали июл парвоз мекунанд. Шабпараки онҳо тухм монда онро якдонагӣ дар қисми поёнии барг ҷойгир менамояд. Ҳар як модина то 150 тухм мегузорад. Баъди чанд рӯз аз онҳо кирмҳо пайдо шуда баргҳоро аз ҷойи нармаш хоида мехӯранд, дар онҳо минаҳои кӯтаҳи шохадор хоида он ҷо то мавсими тирамоҳ зиндагонӣ мекунанд.

Расми 20: Баргпечонаки болиғ (a), кирм (b)




*Чораҳои мубориза бар зидди он.* Дар давраи варамкунии муғҷаҳо дорупошии дарахтон бо моддаҳои органикии фосфордоре, ки бар зидди дигар куяҳо истифода мешаванд. Дар моҳи июл бо мақсади нобуд кардани кирмҳои ҷавоне, ки дар минаҳо хобанд, дорупошӣ бо моддаҳои биологӣ ва химиявӣ анҷом дода мешавад. Тоза кардани пӯстлох дар танаи дарахтон дар мавсими тирамоҳ ва оҳакмолии онҳо бо илова кардани купороси мис анҷом дода мешавад, ки ин барои пешгирии пӯстлох аз мавсими сармо ва кафидан эмин нигоҳ медорад.

7.6. **Биди анбоии ҷанубӣ** *(Plodia interpunctella hübn.)* шабпараке мебошад, ки ба оилаи шабпаракҳои оилаи бидҳо дохил мешавад. Дар анборҳои ғалладор, ҳӯрокворӣ, осиёб, элеваторҳо ва ҳ.к. мавҷуд мебошанд (дар қабати болоии хирмани ғалла дар чуқурии 15 см) ҷойгир мешавад. Бештар биди осиёбӣ, ғаллаӣ, ҷанубӣ ва орд маълум аст. Дарозии болҳои паҳнаш 20—25 мм, пеш — хokиранг бо ду хати дандонадори сафед ва хатхои камранги баракӣ ва нуқтаҳои сиёҳ, болҳои пас — хокистарии тира (расми 22a) мешаванд. Дарозии кирмаш то 20 мм, зарди равшан, сабзтоб ва ё гулобӣ (расми 22b) мебошанд. Дар як сол то чаҳор наслаш инкишоф мeёбад. Кирмҳояш меваҷот, сабзавот ва дигар маҳсулотро сахт зарар мерасонанд; дар найчаҳое, ки аз боқимондаи қисмҳои маҳсулот ва торҳо месозанд, зиндагонӣ менамоянд.

*Чораҳои мубориза бар зидди он.* Яке аз чорахои асосӣ мубориза дар анборхонаҳо мебошад: 1) дар анбор бояд ҳамаи тарқишҳо маҳкам ва ё молида маҳкам шуда бошад, 2) бояд анборхонаҳо аз боқимондаи маводи пеш нигоҳ дошташуда тоза карда шавад, 3) тамоми тирезаҳо бояд бо пардаи зидди ҳашарот маҳкам шуда бошад, 4) тамоми халта, қуттӣ ва маводи бастабандӣ дезинфексия шуда бошад, 5) сатҳи дарунӣ ва берунии анборхона бояд оҳак карда шавад, 6) анбор бояд равшан ва сард бошад.

Расми 22: Намуди биди болиғи ҷанубии анбор (a), кирм (b).

Thank you for trying PDF Suite




## 8. Растаниҳое, ки барои дарахтони зардолу зараррасон мебошанд.

Растаниҳое, ки дар атрофи дарахтони зардолу мерӯянд, барои дарахтон зарарасон ба ҳисоб меравaнд. Зеро онҳо низ ҳамчун дарахтон ба пору, обу ва офтоб ниёзманд мебошанд. Сол то сол миқдори растаниҳои зараррасон бинобар зиёдшавии миқдору тартиби порудиҳӣ, обёрӣ ва ҳ.к. зиёд мегардад.

Барои мубориза бо растаниҳои зараррасон бояд як қатор чорабиниҳои коркарди химиявӣ ва механикии худи растанӣ ва хок анҷом дода шавад. Ҳангоми коркарди механикӣ бояд атрофи дарахтон аз растаниҳо тоза карда шуда, хоки атрофи он побел карда шавад. Растаниҳои кандашуда бояд сӯзонида шаванд.

Тавассути усули истифода аз моддаҳои химиявӣ инкишофи растаниҳои зарраrасон назорат карда шуда, ин кор бояд бодиққат амалӣ карда шавад. Ҳамин тавр, моддаҳои химиявӣ мунтазам на танҳо ба растаниҳои зараррасон, балки ба дарахтони зардолу ҳам дода шаванд. Бинобар ин дар боғҳои ҷавон истифодабарии моддаҳои химиявӣ маслиҳат дода намешавад.

Ҳангоми коркарди химиявӣ асосан ду усул истифода мегардад: мубориза то баромадани растаниҳои зараррасон ва баъди баромадани онҳо. Усули якум дар фасли баҳор оғоз мегардад. Усули дуюм дар тирамоҳ иҷро карда мешавад. Дарахтоне, ки аз 4-сола ҷавонтар ҳастанд, барои онҳо коркарди химиявӣ маслиҳат дода намешавад.

Барои маълумоти муфассал ба коргоҳи мубориза бо растаниҳои зараррасон муроҷиат кардан лозим мегардад.

Расми №23: Растаниҳои зараррасон.



Thank you for trying PDF Suite

## 9. Раванди коркарди хушкмеваи зардолу.




Thank you for using PDF Suite

## 10. ҶАМЪОВАРИИ ҲОСИЛИ ЗАРДОЛУ.

### 10.1. Муқаррар кардани вақти ҳосилғундорӣ.

Ҳосилро мунтазам ҷамъоварӣ менамоянд, то пурра пухта расидани зардолу дар дарахтон. Расидани зардолу дар аввал дар шохаҳои болоӣ оғоз ёфта, баъдан ба қисми мобайн ва билохира дар қисмати поёнии дарахтон анҷом меёбад. Ҳосил ба ҳамин тартиб дар се давра гирдоварӣ карда мешавад.

Меваи пухтаи он донаҳое мебошанд, ки ба осонӣ чида шуда калон, дорои гӯштдилаи нарму мулоим мебошанд ва ҳангоми дар оянда пухтани мева туршии он кам шуда, сатҳи моддаҳои хуш зиёд мегардад. Дар навъи меваи зардолуи Хаджихалилоглу сатҳи моддаҳои хушк 24-26% ташкил карда зичии гӯштдилаи он 0,52-2,91 кг/см$^2$ мебошад, ки ин ҳам барои ҳосил идеалӣ ба ҳисоб меравад.

### 10.2. Усулҳои қобили қабули ҳосилғундорӣ.

Тарзи идеалитарини ҷамъоварии меваи зардолу ин усули дастӣ мебошад. Зеро дар ин ҳолат мева хароб намешавад. Ба ғайр аз он, метавон бо истифода аз ин усул ҷамъоварии меваҳои хоми он пешгирӣ карда шавад.

Тарзи афшонидан ва ё резонидани мева тарзи дигари ҷамъоварии ҳосил мебошад. Дар ин усулҳо, бояд ба рӯи замин дастархон ва ё нейлон густурда шавад, зеро ҳангоми ба замин ғалтидани мева он метавонад захмхӯрда гардад ва ба он хоку санг даромаданаш мумкин аст. Ин ҳолат ба раванди хушкшавии мева таъсири манфӣ расонида, сифати маҳсулотро паст менамояд, ки он дар навбати худ сабаби пастшавии талабот дар бозори маҳсулоти хушкмева хоҳад шуд.

Ҳангоми истифода аз усули афшондан одатан шохаҳо захмдор шуда ба дохили он ҳашароти заррарасон роҳ меёбанд. Бинобар ин ҳангоми мушкилии ҷамъоварии дастӣ, варианти аз ҳама ақлонитарини он тарзи афшондан ба ҳисоб меравад. Бояд аз усули зада афшондани меваҷои худдорӣ карда шавад.

Меваҳои барои хушккунӣ пешбинишуда бояд дар шохахои дарахтон то пурра расиданашон нигоҳ дошта шаванд. Меваҷот набояд зиёжд нарму мулоим шуда бошанд. Зеро дар акси ҳол коркарди мева мушкил хоҳад шуд. Ҳангоми дуддиҳӣ бо олтингӯгирд зардолуҳои хеле нарм метавонанд титу пареш шаванд, ки он монеае барои ворид гардидани олтингӯгирд шуда, сабаби сиёҳшавии меваҷот мегарданд.

Ҳангоми ҷамъоварии 4 кг зардолуи хом 1 кг хушкмеваи зардолу гирифтан мумкин аст, он замоне, ки аз 3-3,5 кг меваи пухтарасида 1 кг гирифтан мумкин мешавад.

Ҷамъоварии меваи зардолу субҳи барвақт ва ё бегоҳӣ анҷом дода мешавад. Дар ин давра зардолу беҳтар ҷудо карда мешавад. Обёрии хокро ҳафтае пеш аз ҳосилғундорӣ анҷом медиҳанд. Зеро баъди обёрӣ дар мева миқдори об зиёд шуда сабаби пастшавии қанди он мегардад. Илова бар ин баъди обёрӣ ҷамъоварии ҳосил мушкил мешавад.

Расми 24. Анвои хушкмеваи зардолу. Расми 25. Навъи истеъмолии зардолу.





Thank you for trying PDF Suite

## 11. Дуддиҳӣ ба воситаи олтингӯгирд.

### 11.1. Мақсади дуддиҳӣ ба воситаи олтингӯгирд.

Зардолу яке аз меваҳое мебошад, ки рангашро ҳангоми хушккунӣ дар бештар мавридҳо тағйир медиҳад. Бо олтингӯгирд дуд додан метавонад тағйири рангро пешгирӣ намояд. Инчунин метавонад пешгирии пайдоиши мағор, туршшавӣ, афзоиши бактерияҳо ва дигар зарарасонҳо ба амал орад. Дуддиҳии меваҷот имкон медиҳад, ки маҳсулоти хушкро ба муддати дуру дароз нигоҳдорӣ карда шавад. Ба ҳар сурат миқдори зиёди олтингӯгирд сабаби пешгирии фурӯши зардолу дар бозор мегардад. Бинобар ин дар раванди дуддиҳӣ бо олтингӯгирд вақти дуддиҳӣ ва миқдори олтингӯгирд хеле муҳим мебошад. Ба сифати хушкмеваи зардолу инчунин тарзи ҷамъоварии ҳосил, ҳамлу нақли он, дуддиҳии он ба воситаи олтингӯгирд ва хушккунӣ таъсир мерасонад.

### 11.2. Омодагӣ ба дуддиҳӣ бо олтингӯгирд.

Зардолу барои хушккунӣ бояд дар давраи хушкшавии пурра ҷамъоварӣ гардад. Ҷамъоварии барвақтии зардолуи кухна метавонад сабаби пастшавии сифати хушкмеваи зардолу гардад. Ҳангоми дер ҷамъоварӣ кардани мева, он метавонад аз он пӯст итроҳ шуда шакл ва ранги зардолуро иваз намояд. Баъд аз ҷамъоварии дастӣ ва ё афшонидан, зардолуро ба хонае, ки дар он бояд дуддиҳӣ бо олтингугирд анҷом дода шавад, бояд интиқол дода шавад. Пеш аз дуддиҳӣ бояд меваҳои захмӣ, вайроншуда ва хом ҷудо карда шаванд (расми 26). Зеро ҳар як навъи зардолу миқдори гуногуни олтингӯгирдро ҷазб карда бояд он мувофиқи навъаш дуддиҳӣ карда шавад. Зардолуҳои зарардида нисбати хом бештар олтингӯгирдро ҷазб мекунанд.

Истеҳсолкунандагони зардолу дар давраи ҳосили калон, барои онро бо нархи паст нафурӯхтан, меваро барои нигоҳдорӣ мемонанд. Аз ин хотир дуддиҳӣ бо олтингӯгирд имконият медиҳад, ки экспорти зардолу ба бозор бештар карда шавад. Барои он, ки экспорти зардолу мушкил нашавад, сатҳи олтингӯгирд набояд аз 2000 ppm бештар бошад. Сатҳи олтингӯгирд дар кишварҳои импорткунанда гуногун ба мушоҳида мерасад. Маълумоти муфассалро оид ба кишварҳои интиқолкунандаи он дар қисмати поёнии кор ҷойгир намудаем.

### 11.3. Ҷойгиркунии меваҷот дар ҳуҷраҳои дуддиҳӣ.

Аз ҳама варианти беҳтари дуддиҳӣ бо олтингӯгирд ҳангоми ҷойгиркунии зардолу дар рафҳо ба як қатор мебошад. Аммо бештар фермерон қуттиҳои зардолугирии васеъро истифода менамоянд. Дар давраи аввали дуддиҳӣ зардолуҳое, ки дар қисмҳои поён ва миёнаи қуттибуда дуд дода намешаванд. Ҳангоми дуддиҳии дуюм ва сеюм зардолуҳои дар қисми болои қуттибуда ҳамаи дуди олии олтингӯгирдро мегиранд. Дар ин замон бо таъсири гази олтингӯгирд ва ҳарорати баланди хона, зардолу мустро ҷудо менамояд, ки он сифати хушкмеваро то андозае паст мекунад.

Thank you for trying PDF Suite

Расми 26: Тайёрӣ ба дуддиҳӣ бо олтингӯгирд ва навъи хуҷраҳои олтингӯгирдӣ.



## 11.4. Махсусиятҳои хуҷраи олтингӯгирдзанӣ.

Хонаи олтингӯгирдзанӣ бояд дар ҳудуди бараш ба андозаи 2,5х2,5 м ва ба баландии 2,2 м ҷой гирифта, ғафсии деворҳояш бояд 30 см аз масолеҳи бетонӣ бошад. Дар хонаи дорои масоҳати мазкур, дар як дафъа 1000 кг зардолуи тару тозаро дуддиҳӣ кардан мумкин мешавад. Ҳудуди 1000 кг зардолуи дар рафҳо ҷойгиршударо дар давоми 12 соат бо 1600-1800 г олтингӯгирд дуд додан лозим аст, ки дар натиҷа ба гирифтани 2000 ppm SO2 мусоидат менамояд. Барои бештар аз 2000 ppm олтингӯгирд гирифтан ин кор бояд 2-3 маротиба анҷом дода шавад. Дари хонаи олтингӯгирдзанӣ бояд дар бараш 110 см, дар баландиаш 200 см буда, метавонад ба таври ҳавоногузар дуруст карда шавад.

## 11.5. Навъҳои рафҳои ҷойгиркунии хушкмева

Рафҳо бояд ба шакли росткунҷа буда, ба андозаи 90х180 см ва ё квадрати андозааш 90х90 см бошанд. Фосилаи байни рафҳо бояд 0,5 см ташкил намояд. Рафҳоро бештар аз дарахти сафедор месозанд, зеро он нисбатан сабук ва арзон мебошад.

## 11.6. Бухории олтингӯгирд.

Олтингӯгирдро дар дошҳои оҳанӣ дар рӯи фарши хона, дар майдончаи махсуси аз хоку қум сохташуда (бинобар роҳ надодан ба сӯхтор) дар мегиронанд. Дар майдонча лаълии оҳании деворадорро гузошта дар он олтингӯгирдро дар мегиронанд (расми 27). Ҷойгиршавии печка дар фарш паҳншавии баробари олтингӯгирдро дар хона таъмин менамояд.

Расми 27: Бухории олтингӯгирд.



Thank you for trying PDF Suite

Расми 28: Шакли дохилии хонаи олтингӯгирдзанӣ.



Печкаро ба шакли силиндирӣ бо диаметри 25 – 30 см ва бо баландии 5– 6 см тайёр мекунанд. Дар ин печка 0,5 кг олтингӯгирд дар давоми 30 дақиқа, 1 кг олтингӯгирд дар давоми 45 дақиқа, 2 кг олтингӯгирд дар давоми 70-80 дақиқа месӯзад (расми 28).

Агар барои дуддиҳии 1 тонна зардолу, ки дар рафҳо ҷойгир шудаанд, дар давоми 12 соат 1600-1800 г олтингӯгирд лозим бошад, пас он 2000 ppm SO2-ро ташкил медиҳад.

Барои пешгирии ҳарорати баланд дар хона бояд печка дар беруни хона гузошта шавад. Баландшавии ҳарорати хона сабаби ҷазби гази аз меъёр зиёд, нармшавӣ, ҷудо шудани муст ва тағйири ранг кардани зардолу мегардад.

## 11.7. Мушкилоте, ки ҳангоми бо олтингӯгирд дуддодан ба вуҷуд меоянд.

Дар хонаҳои пур камбуди оксиген ба вуҷуд меояд, ки ин сабаби пурра насӯхтани олтингӯгирд мегардад. Бинобар ин буғи обии олтинргӯгирд ба вуҷуд меояд. Ҳамин тавр на ин ки дуддиҳӣ, балки пошдиҳии олтингӯгирд ба амал меояд.

Ҳангоми аз меъёр зиёд дуддиҳӣ бо олтингӯгирд, бо таъсири ҳарорати баланд ҷудошавии мусти зардолу ба амал меояд. Ин сабаб мешавад, ки хушкмеваи зардолу рангашро дигар карда нарму мулоим шавад.

## 11.8. Таҳлилу баррасии дуддиҳӣ бо олтингӯгирд.

**Дуддиҳӣ ба воситаи олтингӯгирд чист?**

Дуддиҳӣ бо олтингӯгирд ($SO_2$) барои хушк кардани меваҷот, дезинфексия ва дезактиватсияи ферментҳо ба кор бурда мешавад.

**Онро барои чӣ анҷом медиҳанд?**

Дуддиҳӣ бо олтингӯгирд имконият медиҳад, то ранги мева боқӣ монда нобудшавии Витаминҳо пешгирӣ карда шавад. Ҳангоми дуддиҳӣ дар пӯсти зардолу сурохиҳо ба амал меояд, ки ин аз байнравии обро суръат бахшида хушкшавии зардолуро тез мекунад. Инчунин, афзоиши бактерияҳо ва дигар зараррасонҳоро дар маҳсулот пешгирӣ менамояд.

**Дуддиҳӣ бо олтингӯгирд чӣ гуна анҷом дода мешавад?**

1. Дар хонаҳо - хуҷраҳо, ҳангоми сӯзонидани хокаи олтингӯгирд гази $SO_2$ ба вуҷуд меояд.
2. Маҳлулкунандагони сульфати натрий барои пошидан ба зардолу истифода мегардад.

**Оё меъёри дуддиҳӣ мавҷуд аст?**

Миқдори гази олтингӯгирд ($SO_2$) ҳангоми дуддиҳии зардолу набояд бештар аз 2 кг бошад.

**То мавриди дуддиҳӣ бояд ба чӣ аҳамият дода шавад?**

Баъд аз ҷамъоварии ҳосил, ҳангоми ҳамлу нақли он бояд бодиққат буд.

То дуддиҳӣ зардолуҳо бояд бо оби фишори баланддор шӯста тоза карда шуда бошанд. Ҳангоми шӯстани зардолуҳо мо ҳамеша кӯшиш мекунем, то муст, чангу хок тоза карда шавад. Зардолуи тоза олтингӯгирдро хубтар ҷазб мекунад. Дар ин замон зардолу бояд дар рафҳо ҷойгир шуда бошад. Дар рафҳо набояд зардолуҳои харобшуда, захмӣ, хом мавҷуд бошанд.

Зардолу набояд зиёда аз ҳаҷми гунҷоиши бино бошад.

**Ҳангоми дуддиҳӣ бояд ба чӣ аҳамият дода шавад?**

Зардолуҳоро мувофиқи навъҳо ҷудо кардан лозим мешавад. Зардолуи хом ва захмиро алоҳида дуд додан лозим аст.

Зардолуҳои пурра набояд бо пачақшуда якҷоя дуддиҳӣ гарданд.

Бояд ба миқдори олтингӯгирд дар вақти дуддиҳӣ аҳамияти махсус дода шавад.

**Кадом факторҳо ба раванди дуддиҳӣ бо олтингӯгирд таъсир менамоянд?**

Аз ҷумлаи ин гуна факторҳо анвои зардолу, пухтарасидагии зардолу (пухта расидааш дертар нигоҳ дошта мешавад), пачақ нашудан, миқдори олтингӯгирди истифодашаванда, ҳарорати хонае, ки дар он дуддиҳӣ бо олтингӯгирд анҷом дода мешавад.

## 12. Хушк намудани зардолу.

Зардолу бо ду усул хушк карда мешавад: табиӣ ва ё дудкунӣ ба воситаи олтингӯгирд. Барои кам кардани мӯҳлати хушккунӣ, дарозкунии мӯҳлати нигоҳдорӣ ва ранги худ ҳар чӣ бештар хушккунӣ аз тариқи дуддиҳӣ истифода карда мешавад. Хушккунии табиӣ кори мушкилтарест, нисбат ба дуддиҳӣ бо олтингӯгирд.

*Тайёр кардани майдони хушккунӣ.*

Варианти мувофиқ барои хушккунии зардолу иборат аз ҷои бетонкардашуда мебошад. Он бояд аз роҳ ва партовгоҳҳо дур бошад. Меваҳо баъди дуддиҳӣ бо олтингӯгирд бояд дар рафҳо нигоҳ дошта шаванд. Агар ин гуна имконият мавҷуд набошад, бояд дар рӯи бетон палатка партофта шавад. Дар ҷойҳои дорои шамоли сахт бояд монеаҳо барои дигаргун кардани самти шамол гузошта шаванд.

Расми 29: Намуди майдон барои хушккунӣ



Расми 30: Намуди майдон барои



Давраҳои хушккунӣ:

1. Зардолу бояд пухтарасида бошад
2. Донакҳо бояд зуд ҷудо шуда, мағзаш ширин бошад.



Thank you for trying PDF Suite

3. Баъди дуддиҳӣ бо олтингӯгирд зардолу бояд муддати дурудароз рангашро нигоҳ дорад.
4. Барои хушк кардани зардолу варианти он мавҷудияти 26% моддаҳои хушк дар он мебошад.
5. Дар майдони хушккунии зардолу кори шӯстану тоза карда, андозагирӣ кардани он ташкил карда мешавад.
6. Тамоми зардолу пурра ва ё қисм-қисм хушк карда мешавад.
7. Вобаста аз анво, пуррагии зардолу, миқдори олтингӯгирд барои дуддиҳӣ, зардолуҳо бояд дар хонаи олтингӯгирддор дар давоми 12 соат х 2 гузошта шавад.
8. Баъди ин ҳамаи зардолу ба рафҳо гузошта мешавад. Ҳангоми паст шудани сатҳи об дар зардолу то 20%, раванди хушккунӣ ба охир мерасад.
9. Барои хушкмеваи зардолу раванди ба навъҳо ҷудокунӣ, андозагирӣ, дуддиҳӣ бо олтингӯгирд, пасткунии сатҳи об хеле муҳим то татбиқи раванди бастбандӣ ба ҳисоб меравад.

**13. Раванди нигоҳдории зардолу.**

Пеш аз он, ки раванди нигоҳдорӣ шурӯъ шавад, зардолу бояд навъбандӣ карда шавад. Хонаҳо барои нигоҳдории зардолу бояд бо таҷҳизоти тоза кардани ҳаво – вентилятсия муҷаҳҳаз буда тирезаҳо алоҳида буда, пеши роҳи ҳашарот низ гирифта шавад. Зардолуе, ки дар он барои нигоҳдорӣ гузошта шудааст, бояд як навъ бошад, зеро сатҳи намнокии ҳар навъ гуногун мебошад.

Дар хонаҳо зардолу пошида шудааст. Баландии хирман 50-60 см-ро ташкил мекунад. Зардолуро бояд бо матоъ ва ё нейлон пӯшонида шавад. Анборхона набояд дар наздикии хонаҳои ҳайвонот ва ё пошдиҳандагони бӯй ҷойгир шуда бошанд.

Рис.31: Намуди хона барои нигоҳдории зардолу.



## 14. Коркарди хушкмеваи зардолу дар корхонаҳо.

Ин бахш ҳам мисли дигар бахшҳои коркарди зардолу муҳим ба шумор меравад. Зеро ҳангоми коркарди нодуруст тамоми ҳосилро аз даст додан мумкин аст.

### 14.1. Интихоби корхона.

Ҳангоми интихоби корхонаи коркарди зардолу бояд ба чунин факторҳо монанди самаранокӣ, талабот ба неруи барқ, нақлиёт ва ҳ.к. ба назар гирифта шавад. Баъд аз он бояд давраҳои коркарди зардолу муайян карда шавад (сектори интизории ҳосили воридшаванда, секторҳои шустушӯ ва андозагирӣ, сектори нигоҳдории меваҳои шусташуда, сектори мушоҳида аз болои меваҳо аз тарафи кормандони корхона, сектори лабораторӣ, сектори назорати намнокӣ, сектори назорати охирин, сектори хати бастабандӣ, сектори маҳсулоти коркардшуда).

Расми 32: Корхонаи зардолу.



Расми 33: Намуди дохилии корхона.



#### 14.1.1. Сектори интизории ҳосили воридшаванда.

Давраи якуми коркарди зардолу мебошад. Ин сектор берун аз корхона аммо дар хонаҳои наздик ҷойгир мебошад. Зардолу дар халтаҳо ва ё зарфҳои махсус нигоҳ дошта мешаванд.

#### 14.1.2. Сектори шустушӯй ва андозагирӣ.

Барои ин сектор бояд хонаҳои дуруст ва васеъ интихоб карда шавад, чунки таҷҳизот ва сомонолоти мавриди зарурат дар ин гуна фаъолият бояд ба таври дуруст ва қулай ҷобаҷогузорӣ карда шавад. Дар ин сектор ҳамчунин тадбирҳои корсозӣ аз қабили нармкунии маҳсулот, шӯстушӯйи аввалияи маҳсулот, шӯстушӯйи асосӣ, афшонидани он ва андозагирӣ гузаронида мешавад. Механизми раванди ин фаъолият чунин аст: ҳангоми воридшавии маҳсулот, ин ҳам вобаста мебошад бо навъҳои он, бояд онҳоро тар намуд ва дар давоми 3- 4 соат нигоҳдорӣ карда шаванд. Дар об тар намудани зардолу барои беҳтару осонтар коркард намудани маҳсулоти зардолуӣ мусоидат менамояд. Дар ин маврид бояд хеле боэҳтиёткор буд, то ба намуди пурраи пӯсти маҳсулоти зардолу осебе расонида нашавад. Пас аз ҳамаи ин гуна равандҳо маҳсулоти коркардашуда бояд ба сектори дигар барои коркарди минбаъда интиқол дода шавад.

Расми 34: Шӯстушӯйи маҳсулоти зардолу ва сектори калибровкагирӣ

Thank you for trying PDF Suite



Расми 35: Сектори озмоишгоҳ - лаборатория.



Расми 36: Сектори назорат ва санҷиши намнокӣ.



Расми 37: Сектори хати бастабандии маҳсулот.



**14.1.3. Сектор нигоҳдории маҳсулоти шӯсташуда.**

Пас аз шӯстушӯй намудани маҳсулот ва калибровкаи он меваи зардолу ба қуттиҳои пластикии сектори нигоҳдории маҳсулот интиқол дода мешаванд ва бобати коркарди

PDF Suite

минбаъда нигоҳ дошта мешаванд. Ҳамаи ин вобаста ба навъҳои меваи зардолу ва андозаи онҳо бояд ба қуттиҳо ҷо ба ҷо гузорӣ карда шаванд.

**14.1.4. Сектори назорати маҳсулот аз ҷониби кормандон.**

Ин сектор бояд аз сектори шӯстушӯй ва андозагирӣ дар масофаи ҷудо ҷой гирифта бошад. Барои ин мизҳои гигиенӣ – беҳдоштӣ, конвейерҳои саноатии ба таври оҳиста ҳаракаткунанда, лампаҳо характернок мебошанд. Вазифаи асосии ин сектор ба навъҳо ҷудо кардани маҳсулоти зардолуи осебдида ва ҳамчунин тозакунӣ аз ашёҳои бегона ба шумор меравад.

**14.1.5. Сектори озмоишгоҳ.**

Дар ин сектор хусусиятҳои химиявӣ ва сатҳи олтингӯгирд муайян карда мешавад ва ҳамчунин андозаи намнокии меваи зардолуро ташхис менамоояд. Ин сектор барои он зарур аст, ки агар Шумо маҳсулоти хешро ба кишварҳои мутараққӣ содир намоед, чунки дар ин мамлакатҳо махсусан ба сатҳи намнокӣ ва андозаи олтингӯгирди маҳсулот таваҷҷӯҳи хосе дода мешавад. Чи тавре ки мо қаблан зикр намудем, ҳисоби миёнаи сатҳи олтингӯгирд бояд дар ҳудуди 2000 ppm бошад ва сатҳи намнокии бояд дар ҳудуди мобайнии 20-26% қарор дошта бошад. Ҳамаи ин танҳо дар шароити махсуси озмришгоҳҳо муқаррар карда мешавад.

**14.1.6. Сектори назорати намнокии маҳсулот.**

Дар фабрикаҳое, ки меваи зардолу коркард карда мешавад, ҳамеша зиёд будани намнокӣ ба мушоҳида мерасад. Пас аз шӯстушӯй маҳсулоти зардолу, дар сурати набудани майдон барои хушк кардани мева, дар ин маврид ин сектор хеле зарур мегардад. Ин сектор бояд дар масоҳати на камтар аз 10 м² ҷойгир шуда бошад. Баландии он бояд на камтар аз 2-2,5 –ро ташкил намояд. Ҳангоми хушк намудани зардолу дар ҳавои тоза ва зери шӯоъи офтоб бояд хеле эҳтиёткор буд, чунки шӯоъҳои офтоб метавонанд ба пайдошавии чангу хок ва тағйирёбии ранги маҳсулоти зардолу оварда расонад.

**14.1.7. Сектори назорати ниҳоии маҳсулот.**

Ин сектор бобати назорати ниҳоии маҳсулоти коркардашуда ва барои фаъолияти минбаъдаи коркард зарур ба шумор меравад. Ин фаъолият аз ҷониби кормандони омӯзиш гирифтаи фабрика анҷом дода мешавад. Мақсад ва ҳадафи назорати ниҳоии маҳсулот иборат аст: аз назорати ниҳоии навъбандии маҳсулот, андозагирии он, сатҳи олтингӯгирд ва намнокӣ дар меваи зардолу.

**14.1.8. Сектори хати бастабандии маҳсулот.**

Дар ин сектор вобаста ба вазни махсулот муқовабандии маҳсулот ба андозаи 250 г, 500 г, 750 г, 1 кг, 5 кг ва 12,5 кг фарқгузорӣ карда мешавад. Пеш аз он ки маҳсулот муқовабандӣ ва бастабандӣ карда шавад, бояд ба таври муфассал қоида ва тартиботи умумии кишвари воридшавандаро мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Барои дар сурати хеле хуб нигоҳдорӣ намудани маҳсулот аз бастабандиҳои тоза, хушк ва бидуни кадом буй истифода намуд.

Тамғакоғази (этикетка) махсулот (нишона):

- Барои он ки маҳсулоти таҳияшуда бо дигар маҳсулотҳо омехта карда нашавад, бояд дар мавриди интиқоли он, коркарди маҳсулот ва нигоҳдории махсулоти тайёршуда ба он нишонаҳои байнифосилавӣ гузошт.
- Дар этикеткаҳо бояд намуди меваҷот, номи истеҳсолкунанда, маҳалли истеҳсолот, ва шуморабандии муқоваҳои маҳсулот зикр карда шавад.
- Маводи дар тамғакоғазхо истифодашуда набояд барои саломатии инсон зараровар бошанд.

- Логотипи маҳсулот бояд ба навъи мол мувофиқат намояд.
- Рамзи маҳсулот (код), логотип ва сертификати ташкилот.
- Номгӯи маҳсулот.
- Шумораи бахши маҳсулот.
- Гурӯҳи маҳсулот.
- Намуди он.
- Навъи он.
- Андозаи он.
- Вазни он.
- Соли барориши маҳсулот.
- Номи кишвар (ҳангоми содироти маҳсулот).
- Маҳалли истеҳсолот (ноҳия, шумораи бахши он ва пакет).
- Аломатҳо ва шумораи стандартҳо.
- Мӯҳлати охири истиффодаи он.
- Мақом ва рақами ширкати муаррифинамудаи маҳсулот.
- Номгӯи маводи иловашуда, дар мавриде ки агар чунин бошад.
- Маълумот бояд ба таври осон хонда шавад ва шӯста нашавад.
- Барои рекламаҳо набояд расмҳои дурӯғин ва маводи истифоданашударо истифода намуд.

**14.1.9. Сектори маҳсулоти коркардашуда.**

Ин сектор маҳалли нигоҳдории ниҳоии маҳсулот ба ҳисоб меравад. Чунин навъи иншооти мавриди зарурати сектори мазкур бояд аз ҷиҳати гигиенгӣ тозаву озода бошад, намнокии маҳсулотро ба таври яклухт нигоҳдорӣ карда тавонад ва васеъ низ бошад. Дар зери бастабандиҳои маҳсулот бояд рафҳои тахтагин ва ё аз дигар мавод омодашудаи андозаи 1x1 м гузоштан лозим аст, ҳамаи ин вобастагӣ дорад бо вазни муковабандии маҳсулот. Ҳангоми ҳамлу нақли маҳсулоти зардолу бояд хеле эҳтиёткорона муносибат намуд, чунки дар ҳолати болои ҳам гузоштани бастабандиҳои маҳсулот қуттиҳои дар боло гузошташуда метавонанд ба маҳсулоти дар бастабандии қуттиҳои поёни гузошташуда осеб расонанд.

Расми 38 : Намуди ниҳоии маҳсулоти зардолу.



Thank you for trying PDF Suite

## 15. Ба нақшагирии дохилифабрикавӣ.

СЕКТОРИ ШӮСТУШӮЙ ВА АНДОЗАГИРИИ МАҲСУЛОТ

**СЕКТОРИ НАЗОРАТИ ХИМИЯВӢ**





**СЕКТОРИ НАЗОРАТИ**
**МАҲСУЛОТ СЕКТОРИ**
**БА ҚИСМҲО ҶУДОКУНӢ**



**СЕКТОРИ ХАТИ БАСТАБАНДӢ** **СЕКТОРИ НАЗОРАТИ НАМНОКӢ**



**СЕКТОРИ НАЗОРАТИ НИҲОИИ МАҲСУЛОТ ВА ХАТИ БАСТАБАНДӢ**




## 16. Фурӯши маҳсулоти зардолу.

### 16.1. Мамлакатҳои содиркунанда ва воридкунандаи маҳсулот.

Аз рӯи иттилооти кишварҳои ҷаҳон ҳар як сол дар ҳудуди тахминан 3-3,2 миллион тонна навъҳои гуногуни маҳсулоти зардолу истеҳсол карда мешавад. Яке аз кишварҳои асосии истеҳсолкунандаи ин навъи маҳсулот давлати Туркия ба шумор меравад. Дар ин кишвар бештар аз 60% истеҳсоли маҳсулоти зардолу ба минтақаи парвариши он – Малатя рост меояд. Дар ин минтақа 90% аз ҳаҷми умумии маҳсулот хушк карда мешавад ва дар ҳудуди 90-95% маҳсулоти хушккардашуда ба кишварҳои хориҷи Туркия содир карда мешаванд. Гуфтан мумкин аст, ки минтақаи Малатя яке аз марказҳои парвариши меваи зардолу дар давлати Туркия ба шумор меравад.

Дар қиасмати поён дар шакли нақша давлатҳое нишон дода шудаанд, ки ба парвариши меваи зардолу ва содироти он машғул мебошанд.

Ҷадвали № 2

| Кишварҳое, ки ба парвариши зардолу машғул ҳастанд | Навъҳои тару тоза (%) | Навъҳои хушккардашуда (%) |
|---|---|---|
| **Туркия** | 18 | 75 |
| **Эрон** | 9 | 7 |
| **Италия** | 7,5 | - |
| **Покистон** | 7 | 4 |
| **Франсия** | 6 | - |
| **Алшаҳмхо** | 5 | - |
| **Испания** | 4,5 | - |
| **Марокко** | 4 | - |
| **Хитой** | 3 | 3 |
| **Дигар кишварҳо** | 36 | 11 |
| **Маҷмӯан** | 100% | 100% |

Чи тавре ки аз нишондоди ҷадвали мазкур бармеояд, пешоҳанги истеҳсолот ва коркарди маҳсулоти зардолу кишвари Туркия ба шумор меравад.

Дар нақшаи зер кишварҳое нишон дода шудаанд, ки ба воридоти маҳсулоти зардолу машғул мебошанд.

Thank you for trying PDF ...

Ҷадвали № 3

| КИШВАРҲОИ ВОРИДКУНАНДА | ҲАҶМИ СОЛОНАИ ВОРИДОТ (%) |
|---|---|
| **ИМА** | 18 |
| **Россия** | 12 |
| **Англия** | 9 |
| **Германия** | 8 |
| **Франсия** | 6 |
| **Австралия** | 5 |
| **Канада** | 3 |
| **Голландия** | 4 |
| **Исроил** | 3 |
| **Дигар кишварҳо** | 32 |
| **Маҷмӯан** | 100% |

## 16.2. Пешниҳоди маҳсулот ба бозор.

Пешниҳоди маҳсулоти меваи зардолу ба бозори истеъмолӣ ба талаботи харидорони маҳсулот алоқамандии зич дорад. Аз ин бобат чунин навъҳои он фарқ мекунанд:

Вобаста ба намуди маҳсулот:
а) навъҳои тару тоза;
б) навъҳои хушккардашуда;
в) маҳсулотҳое, ки аз меваи зардолу омода шудаанд.

Вобаста ба доираи истифодаи маҳсулот:
а) истифодаи доимии он;
б) истифодаи фаръии он.

Шабакаҳои фурӯши маҳсулоти зардолу:

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1. ИСТЕҲСОЛКУНАНДА (ЗАМИНДОР) | 2. КООПЕРАТИВҲО, НАМОИШГОҲҲО, фУРӮШАНДАГОН | 3. ФУРӮШАНДАГОНИ ЯКЛУХТ | 4. ФУРӮШАНДАГОНИ МУСТАҚИЛ | 5. ИСТЕЪМОЛГАРОН |

Вобаста аз намудҳои тақсимкунӣ:
а) бозори дохилӣ;
б) бозори хориҷӣ.

Расми 39: Тасвири рушду инкишофи меваи зардолу



Thank you for trying PDF Suite

## 16.3. Таҳлилу баррасии хароҷот дар саноат.

Агар саноати коркарди маҳсулоти зардолуро дар ҳудуди 100 нафар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем, пас ба чунин натиҷагирӣ расидан мумкин аст:

**Ҷалвали маълумоти хароҷоти миёна дар фабрика.**

Ҷадвали № 5

| Номгӯи хароҷот | Хароҷот ($/кг) |
|---|---|
| **Қувваи коргарон** | 0,025 |
| **Барои ташкили маводи байнифосилавӣ** | 0,007 |
| **Химияи хӯрокворӣ** | 0,020 |
| **Бехтарсозии таҳқиқот – Бехтарсозии истеҳсолот** | 0,075 |
| **ҶАМЪ** | 0,127 |

**Ҷадвали хароҷот (маҳсулоти бастабандие, ки барои истифода омода мебошад).**

Ҷадвали № 6

| НОМГӮИ ХАРОҶОТ | ХАРОҶОТ ($/кг) |
|---|---|
| **Маҳсулоти хом** | 1,5 |
| **Хароҷоти миёнаи коркарди он** | 0,127 |
| **Эквиваленти зиёни маҳсулоти хом** | 0,075 |
| **Бастабандӣ** | 0,1 |
| **Ҳамлу нақл** | 0,35 |
| **Ҷамъ** | 2,152 |

**Ҷадвали хароҷотҳо (маҳсулоти бастабандӣ, ҳудуди 50-2000 г).**

**Ҷадвали № 7**

| НОМГӮИ ХАРОҶОТ | ХАРОҶОТ ($/кг) |
|---|---|
| **Маҳсулоти хом** | 1,9 |
| **Хароҷоти миёнаи коркарди он** | 0,127 |
| **Эквиваленти зиёни маҳсулоти хом** | 0,095 |
| **Бастабандӣ** | 0,1 |
| **Ҳамлу нақл** | 0,35 |
| **Ҷамъ** | 2,572 |

**Ҷадвали хароҷотҳо (маҳсулоти бастабандӣ, вазнашон 12,5 кг).**

**Ҷадвали№8**

| НОМГӮИ ХАРОҶОТ | ХАРОҶОТ ($/кг) |
|---|---|
| **Маҳсулоти хом** | 1,7 |
| **Хароҷоти миёнаи коркарди он** | 0,127 |
| **Эквиваленти зиёни маҳсулоти хом** | 0,085 |
| **Бастабандӣ** | 0,05 |
| **Ҳамлу нақл** | 0,35 |
| **Ҷамъ** | 2,312 |

Дар соҳаи саноат мнвааи зардолу дар шакли формулаи зерин қобили истифода мебошад.

| | |
|---|---|
| ФОРМУЛА №1 | **МАҲСУЛОТИ ХОМ x АРЗИШИ КОРКАРД = АРЗИШ** |
| ФОРМУЛА №2 | **МАҲСУЛОТИ ХОМ x МИЁНАИ 35% = АРЗИШ** |

Thank you for trying PDF Suite

## 17. Мушкилот ва проблемаҳои умумие, ки дар парвариши меваи зардолу пеш меоянд (Мураккабиҳо ва мушкилотҳои парвариш ва истеҳсолоти меваи зардолу).

Мушкилот ва монеаи асосӣ дар мавриди парвариши меваи зардолу ин сардиҳои дервақти давраи фасли баҳор ба ҳисоб мераванд. Барои аз миён бардоштани ин мушкилот пеш аз ҳама шинонидани ниҳолчаҳои навъи ба сардиҳои зимистон тобовар мебошад. Ба замми ин, бобати ба даст овардани маҳсулоти сифатан хуб ва миқдоран кофӣ ҳангоми мавсими обёрӣ ба меъёру тартиботи он ва додани нуриҳои маъданӣ ва ғайра, бояд диққати махсус нигаронида шавад.

Масъалаҳои вобастаи техникӣ, аз қабили захму осебрасӣ ҳангоми гирдоварии ҳосили маҳсулот, дуд додан ба воситаи олтингӯгирд бояд ба таври эҳтиёткорона ва бодиққат гузаронида шавад. Бисёр мавридҳо чунин ба назар мерасад, ки дар давраи нигоҳдории маҳсулот, навъбандии он, бастабандии он, ҳамлу нақл ва содироти он беназмиҳо ба мушоҳида гирифта мешаванд. Ҳамчунин фаъолияти рекламавӣ ба монанди дигар муқаррароти стандартӣ бобати содироти мавриди зарурати маҳсулот муҳим ва мубрам ба ҳисоб меравад.

### 17.1. Мушкилоти истеҳсолот ва ҳосили маҳсулот.

Новобаста аз тартиботи стандартии парвариши маҳсулоти зардолу зарурате ба миён меояд, ки пайваста усулҳои нигоҳдории маҳсулот, бастабандӣ ва ҳамлу нақли онро беҳтару хубтар ба роҳ монда лозим аст, то ки имконоти маҳсулотро ба давраи дуру дароз нигоҳдорӣ карда шаванд ва дертар ба бозори истеъмолӣ бароварда шаванд.

Чи тавре ки қаблан ёдовар шудем, яке аз масъалаҳои асосии парвариши меваи зардолу ин сардкуниҳои дервақти давраи фасли баҳор ба шумор мераванд. Ин ҳолат ба дарахтон зараи зиёде ворид месозанд ва ин метавонад солиёни дароз ба ҳосилнокии меваи зардолу таъсири манфии худро мерасонанд. Ба ҳамин тариқ, ҳангоми интихоб намудани майдонҳои парвариши боғҳои меваи зардолу лозим аст, ки ҳамагуна шароити иқлимии ҳамон минтақаро ба инобат гирифта шаванд.

Яке аз омилҳои муҳим ва асосии ин масъала ин дар мадди аввал интихоб намудани ниҳолчаҳои дарахти зардолу мебошад. Ба кишварҳои содиркунандаи маҳсулот зарур аст, ки шабакаи сертификатсияшудаи дукнҳои фурӯши ниҳолчаҳоро ташкил намоянд. Одатан чунин ба назар мерасад, ки кишварҳои содиркунандаи маҳсулот ҳангоми ҷамъоварии мева аз усулҳои афшонидани маҳсулоти зардолу ва ё зада афтонидани он истифода мебаранд. Ва ё чунин мушоҳида мешавад, ки истеҳсолкунандагони мева ҳангоми гирдоварии ҳосил ба рӯи замин скатертҳо ва ё маводи нейлонро намеандозанд. Дар ин тартиби кор ҳангоми ҷамъовари ҳосил дар баробари меваи пухтарасидаи зардолу инчунин маҳсулоти хоми он низ ҳамроҳ мегардад. Илова бар ин, истифодаи чунин тартибот ҳосилғундорӣ ба осеббинии шохчаҳои дарахт оварда мерасонад ва ин ба пастравии ҳосили солҳои минбаъдаи мева ва ноустувории дарахт ба ҳар гуна бемориҳои сироятӣ оварда мерасонад.

Ба замми ин, меваҳои афтода ҳангоми расиш ба замин захм мебинанд ва ин дар баробар осеб дидан ба дохили меваҳо даромадани сангчаву кулӯхчаҳо ба мушоҳида мерасад. Ҳамаи ин ба пастшавии сифати махсулоти зардолу оварда мерасонад ва ҳангоми содирот ба кишварҳои хориҷӣ мушкилот эҷод месозанд. Усули аз ҳама бехтарини ҷамъоварии мева ин усули дастии гирдовари он мебошад, ки вақти зиёдро талаб менамояд ва дар ин маврид арзишнокии мева хеле боло меравад.

Барои он ки ранги меваи зардолу нигоҳ дошта шавад ва то андозае мӯҳлати ҳифзи маҳсулоттамдид карда шавапд, бояд пеш аз он ки меваи зардолу хушк карда шавад, онро ба воситаи олтингӯгирд дудмонӣ кардан лозим мегардад. Мавриди зикр аст, ки дар мамлакатҳои мухталиф сатҳи иҷозатдодашудаи дудмонии олтингӯгирд фпарқ мекунад.

| КИШВАРИ ВОРИДКУНАНДА | САТҲИ ОЛТИНГӮГИРД (PPM) |
|---|---|
| Зеландияи Нав, ИМА, Канада, Австралия | то 3000 |
| Туркия | 2000 |
| Англия ва Германия | 2000 |
| Франсия ва Дания | 1000 |
| Италия | 600 |
| Австрия | 300 |

Яке аз сабабҳои асосии мавриди истифода қарор гирифтани сатҳи баланди олтингӯгирд вобастааст ба: асосан ҳангоми мавсими серҳосилӣ истеҳсолкунандагон кӯшиш менамоянд, ки меваи ба даст омадаро бо нархи паст ба бозор набароранд, бинобар ин меваи зардолуро бо сатҳи баланди олтингӯгирд дуд меандозанд ва ин барои давраи дуру дароз нигоҳдорӣ намудани маҳсулоти хушкккардашуда имкон фароҳам меоварад.

Сабаби дигари сатҳи баланди олтингӯгирд ба он вобаста аст, ки истеҳсолкунандагони маҳсулот кӯшиш менамоянд, ки дар як муддати хеле кӯтоҳ миқдори хеле зиёд меваи зардолуро дудандозӣ намоянд. Механизми ин раванди фаъолият чунин сурат мегирад, ки дудмонии маҳсулот на дар болои рафҳои васеъ, балки дар дохили қуттиҳо анҷом мепазирад. Дар ин маврид маҳсулоти дар дар қисматҳои мобайнӣ ва поёнии қуттиҳо мавҷуд буда ба таври зарурат дудро кабул карда наметавонанд ва зарурати маротибаи дуюм амалӣ намудани дудандозӣ мегардад. Ҳамаи ин ба зиёдшавии сатҳи олтингӯгирд дар меваи зардолу мешавад. Баоои ҳаллу фасли ин масъала ба истеҳсолкунандагон пешниҳод карда мешавад, ки бобати ба таври очил омода намудани маҳсулот ба содирот дудмонии олтингӯгирдии маводро ба андозаи то 2000 ppm амалӣ намоянд ва агар онҳо мехоҳанд, ки маҳсулотро ба давраи дуру дароз нигоҳдорӣ намоянд бояд дар ҳудуди 3000-3500 ppm дудмонии олтингӯгирдро анҷом диҳанд ва маҳсулоти зардолуиро дар қуттиҳои махсуси решеткадор нигоҳдорӣ намоянд.

Ҳамчунин барои аз байн бурдани мушкилоти мавҷуда мо кӯшиш намудем, ки якчанд маслиҳати муфидро ироа намоем:

- Шароити техникии хкушккунии маҳсулот беҳтар карда шавад;
- Биноҳое, ки дар онҳо дудмонии олтингӯгирд сурат мегирад бояд мудерн карда шаванд (систмаи гардиши ҳаво, истифодаи дурусти $SO_2$, дизайни он);
- Барои ҳар як навъи маҳсулотмуҳлати дудмонии олтингӯгирд алоҳида муқаррар карда шавад ва ин раванд бояд ба ҳар як навъи он ба таври алоҳида гузаронида шавад;
- Нигоҳдорӣ намудани маҳсулоти зардолуи хушккардашуда дар дохили қуттиҳои махсус ва на дар дохили халтаҳо;
- Таълим ва омӯзиш додани истеҳсолкунандагон маҳсулоти зардолу бо усулҳои навини парвариш, хушккунӣ ва нигоҳдории он;
- Ҷорӣ намудани технологияи навин ба раванди ҷудокунии донакҳои мева ва ҳамлу нақли маҳсулот;
- Истифода бурдани усулҳои бозордорӣ бобати боло бурдани талаботи мардум ба меваи зардолу.



Thank you for trying PDF Suite

## 17.2. Мушкилоти фурӯши маҳсулот.

Барои он ки талаботи мардум ба маҳсулоти зардолу боло бурда шавад, дар мадди аввал бояд мардумро бо хусусиятҳои фоидаовари маҳсулоти зардолу ошно намуд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки аз ҳама гуна усулҳои интишори иттилоот ва маълумот аз қабили телевизион, радио, рӯзномаву маҷаллаҳо, шабакаи ҷаҳонии Интернет, намоишгоҳҳо, кӯмаки шахсони маъруф ва ғайра истифода карда шавад.

Воидкунандагони асосии маҳсулоти зардолу давлатҳои ИМА, Германия, Англия, Голландия, Россия ва ғайра ба шумор мераванд ва ҳама сола талабот дар ин кишварҳо ба чунин навъи маҳсулот меафзояд. Ин ҳолат ба кишварҳои истеҳсолкунанда имконоти фаровони васеъ намудани бозори фурӯши маҳсулотро ба миён меоварад. Аз ин сабаб кишварҳои содиркунанда пайваста дар намоишгоҳҳои ҷаҳонӣ бобати ҳамкори пайдо намудан бо мамлакатҳои нав бояд ширкат дошта бошанд. Равияҳои тоза ва нави бозор ин на танҳо фурӯши маводи хом, балки маҳсулоти он низ мебошад (консерваҳо, зардолуҳои яхкардашуда ва ғайра).

Яке аз вазифаҳои асосии кишварҳои солиркунандаи маҳсулот ин ташкил намудани кооперативҳо бобати иттиҳод намудани ҳамагуна истеҳсолкунандагон ва пешниҳод намудани ҳуқуқу манфиатҳои онҳо дар бозорҳои истеъмолии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Ин гуна кооперативҳо вазидор хастанд, ки ҳам дар бозори истеъмолии дохилӣ ва ҳамчунин дар бозори хориҷӣ шабакаи дуконҳои фурӯши маҳсулоти коркардашудаи меваи зардолуро ташкил намоянд. Ҳамчунин ба масъулияти ин навъи кооперативҳо пешниҳод намудани ҳамагуна иттилоот ва аълумоти навро дар бораи маҳсулоти зардолу ба истеҳсолкунандагон дохил мешавад.

Дар сурати ҷой доштани чунин навъи камбудиҳои дар боло зикршуда талабот ба маҳсулот дар бозори дохилӣ ва ҳам бозорӣ хориҷӣ кам мегардад, ки ин ба камшавии сатҳи даромаднокии маҳсулот оварда мерасонад. Бинобар ин, истеҳсолкунандагон дар ҳама давраҳо аз парвариши мева шурӯъ шуда, то ба ҳамлу нақл ва нигоҳдории зардолуи хушккардашуда бояд хеле бодиққат бошанд.

## 18. Тафсири умумии мухтасар барои содиркунандагони меваи зардолу.

ҶАМЪОВАРИИ ҲОСИЛ – БО ОЛТИНГӮГИРД ДУД МОНДАН – ДАР ОФТОБ ПАҲН НАМУДАН – ҶУДО НАМУДАНИ ДОНАКҲО – МУШОҲИДАҲО ДАР ДАВОМИ СОЛ

Зардолуи гирдовардашударо бояд дар дохили қуттиҳо ҷогир намуд ва баъдан ба дохили биноҳо интиқол дод. Муҳим он аст, ки меваҳои зардолуҳои осебдида ва сахт пухтарасидаро ҷудо намуд. Барои хушк кардани меваи зардолу яке аз роҳҳои беҳтарин ин дар зери офтоб хушк кардани он мебошад. Пас аз хушк кардани маҳсулот он ҳамчун меваи зардолуи табиии хушккардашуда ба бозори истеъмолӣ пешниҳод карджа мешавад, ки ранги он хокистарии баландро мегирад.

Биноҳои нигоҳдории маҳсулот бояд андозаи 2,5*2,5*2,5 м ва ё 3*3*2,5 метрро дошта бошанд. Дар намуди умум қуттиҳое, ки барои нигоҳдории маҳсулоти зардолу истифода карда мешаванд, одатан ба андозаи 37*53*17 см мебошанд. Дар дохили чунин навъи қуттӣ ба ҳисоьи миёна 15 кг меваи зардолу ҷой гирифта метавонад. Ҳаҷми умумии ҷойгиршавии қуттиҳо бобати нигоҳдории онҳо дар ҳудуди 200-300 ададро ташкил медиҳад, ки ин дар навбати худ ба 3000-5000 кг меваи зардолу баробар мебошад.

Барои дудмонии олтингӯгирдии маҳсулот дар дохили биноҳо асосан ва дар шароити имрӯза аз бухориҳои аз қурғошим (цинк) сохташуда исьифода мебаранд. Барои биноҳои андозаи 3*3 м бухориҳои ҳаҷмашон то андозаи 5 кг мегузоранд. Дап мавриди дудмонии маҳсулот дар ин гуна бухориҳо то 3 кг олтингӯгирд меандозанд ва аз болои он спиртро ҳамроҳ менамоянд. Хусусияти спирт аз он иборат аст, ки дар



Thank you for trying PDF Suite

протсесси дудмонӣ гомогенностро таъмин менамояд. Пас аз сӯхтани олтингӯгирд ҳеҷ ҳолат ба дохили бино воридшудан лозим нест. Раванди дудмонии маҳсуло тақрибан 12 соатро ташкил медиҳад. Пас аз дудмонӣ биноро мебояд, ки ба куллҳавояшро дигр кардан лозим аст ва танҳо бо истифода аз асбоби зиддигазӣ (противогаз)ба он ҷо ворид шудан мумкин мегардад, чунки қисмати поёнии биноро ба муддати дурудароз гази олтингӯгирд фаро мегирад. Барои он ки дохили бино ба таври тезтар ва хубтар шамолгардон шавад, пас дар назди дари даромади он асбоби шамолдеҳ гузоштан лозим аст. Одатан шамолгарлон кардани биноҳо 2-4 соатро ташкил медиҳад. Маҳсулоти дудмондашударо дар болои новачаҳои хушккунӣ мегузоранд. Ҳамин тариқ, ин тартиботи кор ба таври 2- 3 дафъаина сурат мегирад. Барои арзёбии он ки маҳсулот олтингӯгирдро қабул кардааст ё на, бояд меваи зардолуро ду тақсим карда дид, ки агар донаки он тр шуда бошад пас маълум мешавад, ки раванди мазкур анҷом ёфтааст.

Пас аз дудмонии маҳсулот тартиботи кории хушккунии он шурӯъ мешавад. Чи тавре ки қаблан зикр намудем, барои хушк кардани меваи зардолу бояд биноҳои васеътарро интихоб намуд. Ба ҳисоби миёна меваи зардолу дар муддати 3 рӯз хушк карда мешавад. Дар мавриди мушоҳида намудани пажмурдашавии баъзе қисматҳои зардолу онро дубора ба қуттиҳо ҷамъ намуда, ба дохили сек тор барои ҷудо намудани донаки он интиқол дода мешавад. Пас аз ҷудо намудани донаки маҳсулот дубора меваи зардолу дар муддати 3 рӯз хушк карда мешавад. Па аз он ки меваи зардолу ба таври пурра пажмуда мегардад, онро ба сектори нигоҳдории маҳсулор интиқол медиҳанд.

**Тартиботи пас аз ҳосилғундорӣ ва омодагирӣ барои соли оянда.**

Пас аз ғундоштани ҳосили маҳсулот бояд обёрии дарахтон сурат гирад. Ин тартиби корро дар вобастагӣ аз намнокии хок бояд ҳар 20-25 рӯз то саршавии мавсими боришот идома дод.

Дар фасли тирамоҳ вақте ки мавсими боришоти зиёд сар мешавад, бояд нуриҳои маъдани дорои азот дода шавад ва пас аз 20-30 рӯз нуриҳо маъданиро такроран илова намуд.

Пас аз анҷом додани ҳамаи ин корҳо тамоми шохчаҳои осебдида ва хушкшудаи дарахтонро бӯридан лозим мегардад. Қисматҳои буридашудаи дарахтонро бо пастаи мавриди истифодаи дарахтон молидан зарур мебошад. Ҳамаи ин гуна тартиботи фавққулзикрро метавон дарфасли тирамоҳ ба анҷом расонид. Пас аз ин омадани мавсими баҳорро интизор шудан лозим аст…

Дар аввали мавсими баҳор хоки атрофу акнофи дарахтонро дар ҳудуди тахминан 90-100 см мебояд, ки коркард намуд. Ҳангоми ғунчазании дарахтон истифода намудани воситаҳои зиддиғунчазанӣ хеле зарур мебошад. Пас аз коркарди ғунчаҳо гузаронидани дезинфексияи гулҳои дарахтон низ лозим мешавад. Дар ҳар ҳолат ҳам лозим аст, ки ҳар як давраи рушду инкишофи меваи зардолу гузаронидани корҳои дезинфиксионӣ бар зидди бемориҳо ва зараррасонҳои дарахтон муҳим мебошад. Бо вуҷуди ин ҳангоми зарурат об додани хоки атрофи дарахтон аз манфиат холӣ намебошад.

Расми № 40: Дарсҳои таълимӣ.



Thank you

ХУЛОСА

Мехоҳам дар Тоҷикистон Брадли Биллер (ташкилоти МЕДА), Курбонов Абдуназар (Хадамоти гумруки назди ҳукумати ҶТ), Хейди Бурхарт ва Бригитте Стопплер, Дейдулис Линардс, Аслонов Умед (Hilfswerk Austria International), Тюряев Фаррух, Хасанов Равшан, Махкамов Хуршед (ASTI), кишоварзон аз Исфара ва Ашт, Абдуллоджонов Зафарджон, Ашуров Парвиз (ширкати “Tajfruit”), ҳукуматҳои вилояти Сугд ва ноҳияи Ашт, кормандони TIKA ва дӯстонам Ортиков Лутфулло, Вахобов Усмонджон ва Содиков Наимро алоҳида ташаккур гӯям.

Инчунин дар Туркия шикратҳои „Alptekin” ва „Koralp” -ро барои ташкили тадқиқот дар суҳаи коркарди зардолу, Хусейн, Исмет, Умер ва Ахмет Унал Кай („Yedi reklamcilik”), Сейран Угурлу („Roza grafik”), Кутсал Акдаш (Altiparmak ltd.), муҳандисони соҳаи кимиё: Хакан Гунулташ, Мехмет Коркмаз, Сыдык Кусеоглу, Суат Узден, Мехмет Булут, Фикрет Сарыджы, Ахмед Гунулуоглу, Абузер ва Мехмет Буюкэлчи, Абдуллах ва Кемал Кай, Атилл Томбул, муҳандисони техникӣ: А. Корхан Улуат, Мехмет Сарыджы, аграномҳо Юрдаэр Карахан, Хакан Четин, Селим Пелитан, Эрджана ва Эрхан Узтурк, Эрдал Йилмаз, Зулкуф Дере, Фикрет Эмир, Бахаттин Зенгин, Пажӯҳишгоҳи тадқиқоти меваи шаҳри Малатя, Маркази рушди содироти Туркия, Иттифоқи содиркунандагони шаҳри Эге, Пажӯҳишгоҳи тадқиқотии рушди иқтисодии соҳаи кишоварзӣ, Кумитаи омори Туркия ва дигаронро арзи сипос менамоям.

Бори дигар мехостам ба тамоми онҳое, ки маро рӯҳан дастгирӣ карда дар офариниши китоби мазкур кӯмак кардаанд, арзи сипос намоям:

*„Хеле хуш аз онам, ки мо зери як гунбади софу нилӣ басар мебарем”.*

ЙилмазАлптекин

Thank you for trying PDFSuite